*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №152-153 (2979-2980) | ШАНБЕ, 15 ДЕКАБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

**● Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



# Аксари қонунҳо ҷонибдорӣ гардиданд, номи баъзе маҳалҳои аҳолинишин тағйир ёфт

**Сенздаҳуми декабри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

РАИС: - **Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!** Мувофиқи маълумоти пешакӣ, аз 33 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ 33 нафар дар толор иштирок доранд. Бо мақсади бори дигар дақиқтар намудан аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоем, ки бо истифода аз системаи электронӣ аз қайд гузаред. Марҳамат. Ҳоло дар толор 33 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ ҳузур доранд.

Дар Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Прокурори генералӣ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, муовини аввали директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доранд. Ҳамчунин намояндагони воситаҳои ахбори омма, ки ба иҷлосия даъват шудаанд, дар толор ҳузур доранд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!** Мутобиқи моддаи 20 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**РАИС:** -Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!

Мутобиқи моддаи 25 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо лозим аст, ки котиботи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро интихоб намоем. Оид ба ин масъала ба таваҷҷуҳи шумо матни лоиҳаи қарори зерин пешниҳод мешавад:

Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи котиботи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

Мутобиқи моддаи 25 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Котиботи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум дар ҳайати зерин интихоб карда шавад:

**Раиси котибот:**
Асоев Хайрулло




**Аъзои котибот:**
Ғаниева Гулчеҳра Самеевна
Қарабоев Тиркаш Эргашевич.

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ! Чӣ гуна таклифҳо доред? Лоиҳаи қарори зикршударо ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед.

*Қарор қабул шуд.*

Аз аъзои Маҷлиси миллӣ, ки ба ҳайати котибот интихоб шуданд, хоҳишмандам ба ҷойҳои кориашон гузаранд.

Ба мо лозим аст, ки рӯзномаи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро тасдиқ намоем. Лоиҳаи қарор оид ба ин масъала дар дасти шумо ҳаст. Чӣ гуна таклиф доред? Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум»-ро ба овоз мемонам. Марҳамат, мавқеи худро муайян намоед.

*Бо дарбаргирии масъалаҳои зерин қарор қабул шуд:*

**1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)»**

**4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

**10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо»**

**12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»**

**13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

**16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»**

**17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**18. Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ»**

**20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»**

**21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол»**

**22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»**

**23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»**

**(Идома дар саҳ. 2)**

**● Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум**



# Қонун дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма дар таҳрири нав қабул шуд

**12 декабри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои зерин ворид шуданд:

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012»**

**8. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ»**

**9. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ».**

**РАИС:**- Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзнома шуруъ менамоем. Оид ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Менглиев Рустам Шомуродович дода мешавад.

**Рустам МЕНГЛИЕВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо мақсади мутобиқ намудани он ба талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.



Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 1995 қабул шуда буд. Дар ин муддат санадҳои хеле зиёди меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки дар натиҷа дар баъзе ҳолатҳо номувофиқатӣ байни қонуни конститутсионии номбурда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии минбаъд қабулгардида ба мушоҳида мерасид.

Бо мақсади ба талаботи имрӯза мутобиқ гардонидан ва аз байн бурдани ин номувофиқатиҳо лоиҳаи қонун дар таҳрири нав таҳия карда шуд. Боби 1-уми лоиҳаи қонун, ки аз 8 модда иборат аст, дар таҳрири нав хеле такмил ёфта, ба он моддаҳои «Мафҳумҳои асосӣ», «Принсипҳои асосии ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ», «Воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва ҳудудҳои онҳо», «Воҳидҳои ҳудудӣ», «Банақшагирии рушди марзӣ дар воҳидҳои марзиву маъмурӣ» илова карда шуданд. Категорияи маҳалҳои аҳолинишин ба воқеияти сохтори амалкунанда мутобиқ гардонида, меъёрҳои муайянкунандаи онҳо мушаххас карда шуд. Бори аввал дар қонун мафҳумҳои шаҳр ва шаҳрак ҳамчун воҳиди марзиву маъмурӣ ва ҳамчунин маҳалли аҳолинишин, инчунин тафовути онҳо шарҳ дода шудааст.

Боби 2-юми лоиҳаи қонун «Салоҳияту ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ» тамоман нав буда, салоҳияту ваколати ҳар як мақоми ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмуриро дар сатҳи мақомоти олии қонунгузор, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот мушаххас танзим менамояд.

Тартиби таъсис ва барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва тағйир додани сарҳади онҳо дар боби 3-юми лоиҳаи қонун ба танзим даровада шуда, дар муқоиса бо қонуни амалкунанда меъёрҳо хеле мушаххас ва бо назардошти воқеияти имрӯза такмил дода шудаанд.

Номгузориву номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва қисмҳои таркибии онҳо, ки боби 4-уми лоиҳаи қонун ба ин масъалаҳо бахшида шудааст, дар муқоиса ба қонуни амалкунанда такмил дода шуда, талабот ба номгузориву номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин муайян ва вазифаҳои мақомоти дар баргузории ин чорабинӣ масъул мушаххас карда шудаанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарин, ки дар қонуни амалкунанда то ба охир мушаххас ба танзим даровада нашуда буд, ин масъалаи бақайдгирӣ ва баҳисобгирии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин мебошад. Солҳои охир атрофи ин масъала баҳсу мунозираҳо зиёд ба назар мерасид. Аз ин рӯ, боби 5-уми лоиҳаи қонун пурра ба ин масъала бахшида шуда, дар он тартиби бақайдгирӣ ва баҳисобгирии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин, хориҷ намудани маҳалҳои аҳолинишин аз Феҳристи бақайдгирӣ ва баҳисобгирӣ, тартиби пеш бурдани Феҳрист ва нишондиҳандаҳои он бори аввал танзими ҳуқуқии мушаххаси худро пайдо карданд.

Боби шашум боби хотимавӣ буда, дар он ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни номбурда ба танзим даровада шудааст.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида дар кумитаву комиссияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле ҷиддӣ муҳокима шуда, такмил дода шудааст.

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, қабули он аз Буҷети давлатӣ маблағҳои иловагӣ талаб намекунад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Рабиева Галия Рабиевна дода мешавад.



**Галия РАБИЕВА:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Воқеан ҳам ба қонуни конститутсионии амалкунанда, тибқи лоиҳаи қонуни нав, як қатор тағйирот дохил карда шудааст.

**(Идома дар саҳ. 5)**

(Идома аз саҳ. 1, 2)

# Аксари қонунҳо ҷонибдорӣ гардиданд, номи баъзе маҳалҳои аҳолинишин тағйир ёфт

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябри соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар намудани иди касбии обуҳавошиносони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамин замина рӯҳбаланд намудани кормандони ҳамин соҳа иборат мебошад.

Мувофиқи иловаи воридгардида ба сархати бисту шашуми моддаи 2 қонуни мазкур рӯзи обуҳавошиносони Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 июни ҳар сол ҳамчун иди касбии кормандони соҳаи зикргашта, муқаррар карда шудааст.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсия, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, Кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» мебошад. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» дар ҷаласаи худ мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳу¬рии Тоҷикистон 28 ноябри соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррар ва бидуни рӯзи истироҳат таҷлил намудани Рӯзи иди касбии кормандони соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборат мебошад.

Бинобар ин, ба моддаи 2 қонуни мазкур сархати сиюм илова карда шудааст, ки минбаъд 25 январро Рӯзи иди кормандони соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муайян намудааст.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсия, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мебошад. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябри соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ намудан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» иборат мебошад.

Аз ин рӯ, банди 20 моддаи 29 қонуни мазкур, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон додани иҷозатро дар шакли шаҳодатномаи фонди қарзии хурд муқаррар намуда буд, хориҷ карда шудааст.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсия, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, Кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» шуруъ менамоем. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни нав бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 ноябри соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкил ва гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои он, ошкор намудани омилҳои ба пайдоиши коррупсия мусоидаткунанда, андешидани тадбирҳо баҳри бартараф намудани ин омилҳо ва дар маҷмуъ низоми пешгирии коррупсия дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, иборат мебошад.

Қонуни мазкур аз 3 бобу 17 модда иборат буда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади дар онҳо ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳоро ҷиҳати бартараф намудани ин омилҳо танзим менамояд.

Боби 1 қонуни мазкур моддаҳои 1 то 3 – ро дар бар гирифта, мақсади қонуни мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа ва мафҳумҳои асосии дар ҳамин қонун истифодагаштаро муайян намудааст.

Боби 2 қонуни мазкур аз моддаҳои 4 – 15 иборат буда, мувофиқи он принсипҳои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, намудҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, объектҳои он, субъектҳои барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатдор, асосҳо барои гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самтҳои афзалиятноки гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, вазифаи мақомоти давлатӣ оид ба ирсоли ахборот ва мусоидат барои гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, экспертизаи ҷамъиятии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ваколати Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи он оид ба ошкору бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро муқаррар намудааст.

Боби 3 қонуни мазкур ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи ҳамин қонун ва тартиби мавриди амал қарор додани онро пешбинӣ намуда, аз моддаҳои 16 ва 17 таркиб ёфтааст.

Қонун ба меъёрҳои Конститутсия, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, Кумита нисбати он эрод надорад ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки қонуни мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Марҳамат, Бахтиёр Таварович.

**Бахтиёр ХУДОЁРОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 ноябри соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади пешниҳод ва қабули Қонуни мазкур аз такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намудани он ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат мебошад.

Ҳамзамон аз таҳлилу муқоисаи қонуни пешниҳодшуда бо қонунгузории амалкунандаи кишвар, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бармеояд, ки тағйироту иловаҳои воридгардида дорои як қатор камбудӣ мебошад. Аз ҷумла:

Мувофиқи қисми 2 қонуни пешниҳодшуда дар муқаддимаи қонуни амалкунанда калимаҳои «ташкил медиҳанд» ба калимаҳои «танзим намуда» иваз карда шудааст. Мувофиқи тағйироти мазкур, шартномаҳои байналмилалӣ асоси ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалиро танзим менамоянд, ки меъёри мазкур доираи мавзӯи танзими шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тадриҷан кам карда, бо муқаррароти моддаҳои дигари қонун ва шартномаҳои байналмилалии басташудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номутобиқатӣ пайдо мекунад, зеро онҳо ба таври васеъ мавзуи танзими шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян ва муқаррар кардаанд.

Мувофиқи қисми 6 қонун, дар матни моддаи 2 калимаҳои «шартномаи», «шартнома» ва «шартномаро» ба калимаҳои «шартномаҳои», «шартномаҳо» ва «шартномаҳоро» иваз карда шудааст. Дар ин сурат, ҷиҳати риояи пайдарҳамии мантиқӣ зарур аст, ки дар ин модда калимаи «он» низ ба калимаи «онҳо» иваз карда шавад. Мутаносибан мувофиқи мақсад аст, ки масъалаи татбиқи меъёри мазкур, бо назардошти қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, дар тамоми матни қонун низ ба инобат гирифта шавад.

Мувофиқи тағйироти воридгардида, як қатор меъёрҳо хусусияти таҳрирӣ дошта, баъд аз калимаи «будани» ва пеш аз калимаи «шартнома» калимаи «иҷрои» илова карда шудааст. Ҳамзамон ҳангоми тарҳрезӣ ва қабули қонуни мазкур меъёри мазкур на дар ҳама моддаҳои дахлдор ба инобат гирифта шудааст. Чунончӣ, дар ном ва матни моддаи 2, бандҳои 2), 3), зербандҳои а), б), банди 4 моддаи 3 ва ғайра низ меъёри мазкур аз madди назар дур мондааст. Ҳамчунин дар истифодаи истилоҳи «шартномаҳои байналмилалӣ» ва «шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ риоя нашудани ягонагии истилоҳӣ ба назар мерасад. Чунин ҳолат сифати қонунро халалдор сохта, ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷавобгӯй намебошад. Зарур аст, ки масъалаи мазкур асоснок карда, дар ин маврид талаботи моддаҳои 31, 38 ва 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба инобат гирифта шавад.

Бо қисмҳои 15 ва 16 қонуни мазкур дар моддаҳои 9, 10 қонуни амалкунанда иваз намудани калимаи «намояндагон» ба калимаи «намояндагони» пешбинӣ шудааст, ки чунин калима дар матни моддаҳои зикргашта мавҷуд нест.

Зиёда аз ин, тибқи қисми 15 қонуни мазкур дар моддаи 9 қонуни амалкунанда дар ду ҳолат мавриди таҳрири нав ифода гардидани қисми сеюми моддаи зикргардида, хилофи талаботи қисми 1 моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад, зеро санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд мутобиқати дохилӣ дошта, аз рӯи мантиқ тартиб дода шавад ва ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷавобгӯй бошад.

Дар маҷмуъ қонуни пешниҳодгардида дорои камбудӣ буда, мутобиқсозии дохилии мантиқиро тақозо менамояд.

Аз ин лиҳоз, ҷонибдорӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад намебошад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар бораи ҷонибдорӣ наёфтани қонуни мазкур ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**- Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзнома- Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия, муҳтарам Тағоев Саймурод дода мешавад.

**Саймурод ТАҒОЕВ:- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**



Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябри соли 2012 қабул намудааст.

Кодекси мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоии муносибатҳоро дар соҳаи шаҳрсозӣ муқаррар намуда, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии соҳаи шарҳсозиро муайян карда, муносибатҳои ҳуқуқии ба фаъолияти шаҳрсозӣ вобастаро танзим менамояд.

Меъёрҳои кодекси мазкур асоси фаъолияти шаҳрсозиро ташкил медиҳанд ва риояи онҳо аз тарафи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад.

Кодекс аз ду фасл, 14 боб ва 89 модда иборат мебошад.

Боби 1Муқаррароти асосӣ ном дошта, дар он мафҳумҳои асосӣ, принсипҳои асосӣ, меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ, манфиатҳои ҷамъият, давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ пурра дарҷ гардидааст.

Боби 2 ба танзими давлатии фаъолияти шаҳрсозӣ бахшида шудааст.

Дар он салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии давлатии фаъолияти шаҳрсозӣ, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи фаъолияти меъморӣ ва шаҳрсозӣ пурра дарҷ гардидааст.

Объекту субъектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ, фармоишгарон, таҳиягарони ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ, пудратчиён, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳоро боби 3 ба танзим медарорад.

Дар бобҳои 4 ва 5 кадастри давлатии шаҳрсозӣ, мониторинги шаҳрсозӣ, қоидаҳои иморатсозӣ, минтақабандии ҳудудҳо ва талаботи шаҳрсозӣ нисбат ба истифодаи қитъаҳои замин дар маҳалҳои аҳолинишин васеъ нишон дода шудааст.

Тартиби таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ, банақшагирии шаҳрсозӣ ва нақшаи генералии маҳалли аҳолинишин, ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохтмони манзили шахсӣ, фонди манзили шахсӣ, тартиби ҷудо кардани қитъаҳои замин барои сохтмони манзилҳои шахсӣ, хизматрасонӣ ва таъмири хонаҳои фонди манзилҳои шахсӣ, назорат ва иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи шаҳрсозӣ дар бобҳои 6, 7, 8, 9 ва 10 дарҷ гардидааст.

Бобҳои 11, 12 ва 13 тартиби қабул ва истифодабарии объектҳои сохтмон, боздоштан ва мавқуф гузоштани сохтмон, таҷзия (тақсим, аз ҳам ҷудо кардани бино) ва вайрон намудани бино ва иншоот, ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи кодекси мазкур ва тартиби ҷуброни зарарро ба танзим медароранд.

Таъминоти молиявии фаъолияти шаҳрсозӣ, дастрасии иттилоот дар соҳаи шаҳрсозӣ, ҳалли баҳсҳо оид ба фаъолияти шаҳрсозӣ ва муқаррароти хотимавӣ дар боби 14 дарҷ гардидааст.

Ҳамчунин дар боби мазкур аз эътибор соқит донистани баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби мавриди амал қарор додани кодекси мазкур пас аз интишори расмӣ нишон дода шудааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтмони манзилҳои шахсӣ», «Дар бораи масъулияти иқтисодии корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо барои қонуншиканӣ дар соҳаи сохтмон ва саноати масолеҳ, конструксия ва маснуоти бинокорӣ» ва «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» таҳия гардидааст.

Дар мавриди ҷонибдорӣ ва ба имзо расидани Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тавассути он муносибатҳои ҷамъиятӣ дар фаъолияти меъморӣ ва шаҳрсозӣ пурра, бевосита ва бонизом ба танзим дароварда мешаванд, аз эътибор соқит кардани қонунҳои зикргардида пешбинӣ мегардад.

Таъкиди он бамаврид аст, ки аз қабули қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтмон ва шаҳрсозӣ, ки ин ё он ҷабҳаҳои соҳаро ба танзим медароварданд, зиёда аз 16 сол сипарӣ гардидааст. Дар ин давраи тӯлонӣ фаъолияти соҳаи мазкур куллан тағйир ёфт. Вобаста ба он таҷрибаи шаҳрсозӣ низ пеш рафт.

Ин тағйирот ва пешравиҳо ҳангоми таҳияи кодекс ба эътибор гирифта шуда, аз таҷрибаи шаҳрсозии дигар минтақаҳои ҷаҳон низ истифода гардидааст.

Яке аз бартариятҳои Кодекс ин таъмини ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва ҷамъият ба муҳити мусоиди зист, иштироки шаҳрвандон дар амалишавиии фаъолияти шаҳрсозӣ ва ба роҳ мондани назорати ҷамъиятӣ оид ба риояи қонунгузорӣ дар бораи меъморӣ ва шаҳрсозӣ мебошад. Кодекси мазкур принсипҳои фаъолияти меъморӣ ва шаҳрсозиро мушаххас намуда, эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, дигар субъектҳои фаъолиятро дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ таъмин менамояд.

Дар Кодекс расмиёти маъмурии вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ, бо назардошти истифодаи принсипҳои «идора намудани хавфҳо», «равзанаи ягона» ва «хомӯшӣ–нишонаи розигист», муқаррар гардидаанд. Аз ҷумла:

- Кодекс гузаронидани намудҳои алоҳидаи расмиёти маъмурӣ вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ аз рӯйи принсипи «равзанаи ягона»-ро пешбинӣ менамояд;

- Инчунин дар Кодекс пешбинӣ шудааст, ки ҳангоми дар муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиати шаҳрвандон, вобаста ба амали фаъолияти шаҳрсозӣ, пешниҳод нагардидани ҷавоби мусбӣ ва ё манфӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, ҷавоби мусбӣ додашуда ҳисобидани онҳо дар доираи маъқулдонии «худ аз худ» ва ё «хомӯшӣ нишони розигист» татбиқ мегарданд;

- дар Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими махсуси фаъолияти шаҳрсозӣ дар ҳудудҳое, ки иншоотҳои меросии фарҳангӣ доранд, дар минтақаҳои курортӣ, ҳудуди мамнуъгоҳҳо, дар маҳалҳои аҳолинишини аҳамияти махсус дошта, дар минтақаҳои гирифтори ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта пурра муайян ва ба меъёр дароварда шудааст.

Дар хотима ҳаминро бояд зикр намуд, ки соҳаи шаҳрсозӣ яке аз соҳаҳое мебошад, ки дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши назаррас мебозад. Бинобар ин, таҳия, қабул ва ҷонибдории кодекс саривақтӣ ва қобили дастгирӣ мебошад.

Кодекс ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**- Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» мебошад. Марҳамат, Саймурод Тағоев.

**Саймурод ТАҒОЕВ:- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 октябри соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ муайян карда, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии давлат ва бахши хусусиро таъмин менамояд.

Қонун аз 5 боб ва 50 модда иборат мебошад.

Дар боби 1-уми он мафҳумҳои асосӣ, ки дар қонун истифода шудаанд, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва доираи амали қонуни мазкур пурра дарҷ гардидааст.

Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаҳои асосии Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва ваколатҳои он, тартиби аз ҷониби Шӯро тасдиқ гардидани асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаҳои шарикӣ ва уҳдадориҳои асосии ташкилоти фармоишгар дар боби 2 нишон дода шудааст.

Расмиёти гузаронидани тендерҳои лоиҳаҳои шарикиро боби 3 ба танзим медарорад.

Боби 4 пурра ба тартиби бастан, мазмун ва мундариҷаи Созишнома оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ бахшида шудааст.

Дар ин боб ҳамчунин шакл, мазмун ва татбиқи созишнома, ҳуқуқи моликият ба дороиҳо вобаста ба қитъаи замини лоиҳавӣ ва сервитутҳо, механизимҳои молиявӣ, тадбирҳои таъминоти супоридан ва гузашт кардани ҳуқуқҳое, ки созишнома пешбинӣ намудааст, васеъ шарҳ дода шудааст.

Ғайр аз ин, боби мазкур масъалаҳои ҷуброн ҳангоми тағйирот дар қонунгузорӣ, тартиби назорат ва идораи лоиҳаи шарикӣ, тартиби иваз намудани шарикии хусусӣ, тартиби бекор кардан ва масъалаҳои вобаста ба идораи Созишномаро дар бар мегирад.

Боби 5 Муқаррароти хотимавӣ буда, тартиби ҳалли баҳсҳо оид ба лоиҳаи шарикӣ, ҳуқуқи Шӯро оид ба муқаррар намудани қоидаҳо, беэътибор донистани Созишнома, ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро пас аз се моҳи интишори расмӣ ба танзим медарорад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**-Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» шуруъ менамоем ва аз Саймурод Тағоевич хоҳиш менамоем, ки ахбори худро пешниҳод намоянд. Марҳамат.

**Саймурод ТАҒОЕВ:- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 октябри соли 2012 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади мутобиқ гардонидану такмил додан, аз байн бурдани монеаҳои сунъии маъмурӣ дар раванди танзими ҳуқуқии иҷозатномадиҳӣ барои фаъолият оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, беҳтар намудани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ, ба танзим даровардани фаъолият оид ба партовҳои радиоактивӣ, ҳамзамон ҳифзи аҳолӣ ва муҳити зист аз таъсири манфии партовҳои радиоактивӣ қабул гардидааст.

Қонун аз 2 модда иборат буда, тибқи моддаи 1-уми он ба моддаҳои 5, 10, 14, 14[1] ва 17-уми Қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид шудааст.

Аз ҷумла ба моддаи 5-уми қонуни амалкунанда сархати нав илова шудааст, ки тибқи он минбаъд боздошт ва бекор намудани амали иҷозатнома барои фаъолият оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин қонун муайян менамояд.

Ҳамчунин ба қонуни амалкунанда моддаи нави $10^1$ «Қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатнома аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шудааст, ки дар он ба расмиятдарории Қарор дар бораи додани иҷозатнома барои фаъолияте, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми иҷозатномадиҳанда дода мешавад, дарҷ гардидааст.

Ғайр аз ин, моддаи мазкур тартиби дар фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани иҷозатнома нишон додани муҳлати амали иҷозатнома, шарт ва талаботи иҷозатномадиҳӣ, муҳлати пешниҳоди иҷозатнома барои имзо, муайян намудани шахси мансабдори ваколатдор ҷиҳати аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонидани иҷозатнома, уҳдадории бастани созишномаи сармоягузорӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба танзим медарорад.

Бо мақсади баланд бардоштани масъулияти иҷозатномадор қисми 4 моддаи 14-уми қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки мутобиқи он минбаъд мақоми иҷозатномадиҳанда метавонад иҷозатномаро дар мавриди аз тарафи иҷозатномадор дар давоми понздаҳ рӯз напардохтани ҳаққи иҷозатнома, инчунин оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар муҳлати муқаррargardida ба фаъолият шуруъ накардани иҷозатномадор ва аз ҷониби иҷозатномадор ба имзо нарасонидани созишномаи сармоягузорӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ бекор кунад.

Ба моддаи 14-уми қонуни амалкунанда қисми нави 6 илова карда шудааст, ки тибқи он қарори боздоштан ва бекор кардани амали иҷозатнома барои фаъолият оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, тибқи муқаррароти моддаи мазкур ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

Ба сархати 18-уми моддаи 17-уми қонуни амалкунанда илова ворид карда шудааст, ки мутобиқи он барои фаъолият намудан ба корҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотӣ, сохтмони биноҳо ва иморату иншоот, аз ҷумла васеъкунӣ, азнавсозӣ, таъмир ва барқарор кардани объектҳои мавҷуда, ба истиснои сохтмони манзили шахсӣ барои эҳтиёҷоти шахсии худ, доштани иҷозатнома зарур аст.

Ҳамчунин ба моддаи 17-уми қонуни амалкунанда сархати нав илова гардидааст, ки мувофиқи он минбаъд барои фаъолият оид ба муомилот бо партовҳои радиоактивӣ гирифтани иҷозатнома ҳатмӣ мебошад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» шуруъ менамоем. Марҳамат, Саймурод Тағоевич.

**Саймурод ТАҒОЕВ:- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 ноябри соли 2012 қабул намудааст.

Мақсади асосии қабули қонуни мазкур аз мукаммал сохтани қонуни амалкунанда ва мутобиқ намудани он бо қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳифзи манфиатҳои қонунии дигар субъектҳои хоҷагидори ватанӣ ва истеъмолкунандагон қабул гардидааст.

Қонун аз 2 модда иборат буда, тибқи моддаи 1 он дар қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 3 қонуни амалкунанда калимаҳои «аз панҷоҳ фоиз ва аз он зиёдро» ба калимаҳои «аз сию панҷ фоиз зиёдро» иваз карда шудааст, ки мувофиқи онҳо минбаъд мавқеи ҳукмфармоӣ – мавқеи субъекти хоҷагидоре шуморида мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз зиёдро ташкил диҳад.

Ҳамчунин мувофиқи ин тағйирот, мавқеи субъекти хоҷагидор дар сурате низ мавқеи ҳукмфармоӣ шуморида мешавад, ки ҳиссаи он дар бозори моли муайян аз сию панҷ фоиз камро ташкил диҳад, агар ин ҷиҳат аз тарафи мақомоти давлатии зидиинҳисорӣ дар асоси устувории ҳиссаи субъекти хоҷагидор дар бозор, андозаи нисбии ҳиссаи ба рақобаткунандагон тааллуқдошта ва (ё) имконияти дар бозор дохил гардидани рақибони нав ё дигар меъёри бозори молиро тавсифкунанда, муқаррар гардида бошад.

Бояд зикр намуд, ки мавқеи ҳукмфармоии субъекти хоҷагидор дар ҳолате эътироф намешавад, агар ҳаҷми маҳсулот дар бозори моли муайян аз бисту панҷ фоиз зиёд набошад, ба истиснои ҳолатҳое ки дар поёни ҳамин моддаи қонуни амалкунанда зикр гардидаанд.

Тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро моддаи 2 муқаррар менамояд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**- Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» мебошад.

**Саймурод ТАҒОЕВ:- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ Раҷабова Заррина ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 ноябри соли 2012 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади такмил додан ва мутобиқ намудани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бо муқаррароти Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, мувофиқи он аз сархати якуми моддаи 3, банди 8) қисми 3 моддаи 4 ва банди 1) қисми 2 моддаи 6-уми қонуни амалкунанда калимаи «апеллятсионӣ» хориҷ карда шудааст, зеро Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии мурожиати субъектҳои хоҷагидорро тариқи зинаи (инстансияи) апеллятсионӣ пешбинӣ наменамояд.

Инчунин мувофиқи тағйироти ба моддаи 5 воридгардида, минбаъд талабот оид ба пардохти боҷи давлатӣ барои пешниҳод намудани иқтибос аз Феҳрист ё додани маълумотнома дар бораи мавҷуд набудани маълумот дар бораи ҳар як субъект – ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба танзим дароварда шуда, пардохти маблағи ин ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба ҳисоби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ равона мегардад.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:**-Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» шуруъ менамоем. Марҳамат, Саймурод Тағоевич.

**Саймурод ТАҒОЕВ:- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 ноябри соли 2012 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади такмил додан, мукаммал гардонидан ва мутобиқ намудани қонуни амалкунанда бо қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст.

Қонун аз ду модда иборат буда, тибқи моддаи 1 он ба якчанд моддаҳои қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Аз ҷумла бо мақсади аз байн бурдани нофаҳмиҳо ҳангоми гузаронидани амали бақайдгирии давлатӣ дар қисми 3 моддаи 1-уми қонуни амалкунанда тағйирот ворид шудааст, ки мутобиқи он минбаъд тартиби бақайдгирии давлатии ташкилотҳои ҷамъиятии (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии) давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо ва иттиҳодияҳои динӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад.

Ба моддаи 4 қонуни амалкунанда қисми нави 10 илова карда шудааст, ки мувофиқи он қоидаҳои гузаронидани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ мувофиқи принсипи «равзанаи ягона» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ин амал, пеш аз ҳама, баҳри бартараф намудани нофаҳмиҳо ҳангоми гузаронидани амалҳои бақайдгирии давлатӣ, ҳамоҳангсозии муносибатҳо байни мақомоти давлатӣ, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои гузаронидани амалҳои бақайдгирии давлатӣ ҳангоми азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, аз байн бурдани ҳолатҳои баромадан аз ҳадди тобеияти идоравӣ, пешгирӣ намудани ҳолатҳои бақайдгирии ғайриқонунӣ равона гардидааст.

(Идома дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 1, 2, 3)

# Аксари қонунҳо ҷонибдорӣ гардиданд, номи баъзе маҳалҳои аҳолинишин тағйир ёфт

Ҳамзамон ба моддаи 6-уми қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, ки тибқи он ба ҳисоби мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои нигоҳдории Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ва пешниҳод намудани иқтибос аз Феҳристи мазкур ё додани маълумот дар бораи ҳар як субъект – ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағ пардохт карда мешавад.

Ин муқаррарот қаблан тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» пешбинӣ шуда буд.

Бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намудани маълумоти бардурӯғ оид ба маҳали ҷойгиршавии андозсупоранда ба қисми 1-уми моддаи 11, банди нави 9) илова карда шудааст, ки мувофиқи он минбаъд барои амалигардонии бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқии таъсисёбанда пешниҳод карда мешавад.

Ҳамчунин бо мақсади пешгирии ҳолатҳои пинҳон намудани маблағҳои андоз ва уҳдадориҳои субъектҳои хоҷагидорӣ дар назди Буҷети давлатӣ ба қисми 3 моддаи 25 ва банди 4) қисми 4 моддаи 27 қонуни амалкунанда тағйирот ворид карда шудааст, ки мувофиқи он ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ вобаста ба таъсис додан ё қатъ намудани фаъолияти филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда оид ба супоридани муҳрҳо (тамғаҳо), дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз – санади санҷиши хотимавӣ ва маълумотнома оид ба баста шудани суратҳисобҳои бонкӣ пешниҳод карда мешавад.

Ба қисми 1-уми моддаи 34-уми қонуни амалкунанда банди нави 7) илова шудааст, ки он бо мақсади ба қайди давлатӣ нагирифтани фаъолияти субъектҳое, ки талаботи қонунгузориро иҷро намекунанд ё ин ки нопурра ва нодуруст иҷро мекунанд (андозсупорандагони бемасъулият), равона гардидааст.

Моддаи 2 мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро пас аз интишори расмӣ муқаррар менамояд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» шурӯъ менамоем.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология муҳтарам Гулмаҳмадов Давлатшо Қурбоналиевич дода мешавад.



**Давлатшо ГУЛМАҲМАДОВ: -Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршо Миралиев, Маҳмадшариф Ҳақдодов ва Эшбурӣ Эсанқулов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагон 1 октябри соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни мазкур муносибатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, сарфи назар аз шаклҳои моликияташон, барои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии сифати ҳавои атмосфера ва таъмини амнияти экологӣ танзим менамояд.

Қонун аз 7 бобу 35 модда иборат буда, боби 1- уми қонун Муқаррароти умумӣ ном дорад ва дар он мафҳумҳои асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа, мақсад ва вазифаҳо, принсипҳо, объектҳо ва субъектҳои муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи ҳавои атмосфера ва моддаҳои ифлоскунанда муайян шудааст.

Дар боби 2 салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи ҳифзи ҳавои атмосфера дарҷ гардидааст.

Бобҳои 3 ва 4 банақшагирӣ дар соҳаи ҳифзи ҳавои атмосфера, пардохт барои партови моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера, ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, меъёрҳои сифат, меъёрҳои партови моддаҳои ифлоскунанда ва меъёрҳои таъсири зараровари физикӣ ба ҳавои атмосфераро ба танзим медароранд.

Бобҳои 5 ва 6 масъалаҳои талабот баҳисобгирӣ, барӯйхатгирии (инвентаризатсияи) партови моддаҳои ифлоскунанда ба ҳавои атмосфера ва мониторинги ҳавои атмосфераро дар бар мегирад.

Боби 7 Муқаррароти хотимавӣ ном гирифта, масъалаҳои назорат, ҳалли баҳсҳо, ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкур муқаррар гардидааст.

Бо назардошти ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани қонуни мазкур, кумитаи мо нисбати он эрод надорад ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» мебошад.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа муҳтарам Қурбонов Убайдулло Абдуллоевич дода мешавад.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллӣ Иброҳим Абдуллоев, вакилони Маҷлиси намояндагон Саттор Холов ва Абдузафар Иномов пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябри соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» аз 3 сентябри соли 1999 бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он аз солҳои 2005 ва 2009 амал менамояд.

Мақсад аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» такмили меъёрҳои қонуни амалкунанда, мутобиққунонии муқаррароти он ба санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фароҳам овардани имкониятҳои мусоиди баробар ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи туризм ва фаъолияти сайёҳӣ дар мамлакат мебошад.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти туристиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Дар қонуни мазкур ба ном ва моддаҳои 1, 2, 4-8, 10- 16 ва 18 тағйиру иловаҳо ворид шудааст.

Тағйироти воридгардидаи ном ва матни моддаи 1, сархатҳои дуюм, сеюм, чорум, панҷум, шашум, ҳафтум, даҳум, дувоздаҳум, сенздаҳум, чордаҳум, понздаҳум ва ҳабдаҳуми моддаи 2, сархатҳои якум ва чоруми қисми 1, сархатҳои якум, дуюм, сеюм, чорум ва ҳафтуми қисми 3 моддаи 4, сархати дуюми моддаи 6, сархати сеюм ва ҳаштуми моддаи 7, матн ва сархати якум ва нуҳуми қисми 2 моддаи 8, қисмҳои 1 ва 4 моддаи 10, сархатҳои якум, сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтуми қисми 2 моддаи 11, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 12, сархатҳои якум, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтуми қисми 2 моддаи 14, ном ва сархатҳои шашум ва ҳафтуми қисми 2 моддаи 16 ва матни моддаи 18 характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, номувофиқатии меъёрҳои дар қонун ҷойдоштаро аз байн мебарад, ба монанди калимаи «Ҳадафҳои» ба калимаи «Мақсади», калимаи «саёҳат» ба калимаҳои «саёҳат (тур)», калимаи «пайроҳаҳои» ба калимаи «хатсайрҳои», калимаҳои «(минбаъд «танзимгари туризм») амалӣ мегардад» ба калимаҳои «(минбаъд - танзимгари туризм) амалӣ карда мешавад», калимаи «туристӣ» ба калимаҳои «туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон», калимаи «қайди» ба калимаҳои «бақайдгирӣ ва», калимаи «усул» ба калимаи «самтҳо», калимаҳои «эҷод намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ» ба калимаҳои «таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», калимаи «манфиати» ба калимаи «манфиатҳои», калимаи «стандартизатсия» ба калимаи «стандартонӣ», калимаи «бехатарии» ба калимаи «амнияти», калимаи «завқовар» ба калимаи «шавқовар», калимаи «салоҳияти» ба калимаи «ваколатҳои», калимаҳои «хавфҳои таваккалӣ» ба калимаҳои «дигар хатарҳо», калимаи «вазифаҳои» ба калимаи «ӯҳдадориҳои», калимаи «шуғл» ба калимаҳои «машғул будан», калимаҳои «мақомоти давлатии идораи туризм» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи туризм», калимаи «хусусиятҳои» ба калимаи «маълумоти» ва калимаи «вазифадоранд» ба калимаи «уҳдадоранд» иваз карда шудаанд.



Тибқи тағйироти пешниҳодгардида, сархатҳои якум, ёздаҳум, ҳаждаҳум, бистум, бисту якум ва бисту дуюми моддаи 2, қисми 2 ва сархати шашуми қисми 3 моддаи 5, ном ва сархатҳои ҳафтум ва ёздаҳуми қисми 2 моддаи 8, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 10, қисми 1 ва сархати дуюми қисми 2 моддаи 11, қисми 2 моддаи 13, қисми 4 моддаи 15, қисми 1 моддаи 16 ва номи моддаи 18 дар таҳрири нав ифода гардида, ҳамзамон ба қонуни амалкунанда ба моддаҳои 2, 7, 10 сархатҳо илова шудааст, ки дар он мафҳумҳои туризм, маҳсулоти туристӣ, квотаи туристӣ, истироҳат, роҳхати туристӣ, шикори байналмилалӣ, хизматрасонии туристӣ, суғуртаи хатарҳо дар туризм ва шартҳои бекор кардани шартномаи хизматрасонии туристӣ ва пардохти ҷуброни зарари аз тарафи турист расонидашуда, шарҳ дода шудаанд.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва амалӣ шудани он аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Хоҳиш менамоем барои ҷонибдории қонуни пешниҳодшуда розигӣ диҳед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» мебошад. Марҳамат, Убайдулло Абдуллоевич!

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон Марҳабо Ҷабборова ва Низом Қосим пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябри соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006 амал менамояд.

Мақсад аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» такмили қонунгузории соҳа, риоя намудани техникаи қонунэҷодкунӣ, мутобиқати дохилии қонуни амалкунанда ва аз байн бурдани номувофиқатии он бо меъёрҳои дигар санадҳои қонунгузорӣ буда, танзимкунандаи муносибатҳо оид ба ҳифз, истифода, нигаҳдорӣ ва тарғиби объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ мебошад.

Дар қонуни мазкур ба моддаҳои 1, 3, 5- 8, 11- 13, 15, 16, 18- 26 тағйиру иловаҳо ворид шудааст.

Тағйироти воридгардидаи моддаи 7, сархати дуюми моддаи 8, ном ва матни моддаи 9, қисмҳои якум ва панҷуми моддаи 13, қисми якуми моддаи 15, моддаи 16, қисми дуюми моддаи 22, қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 19, қисми сеюми моддаи 20, қисми дуюми моддаи 21 , қисмҳои якум, дуюм ва чоруми моддаи 23, қисми дуюми моддаи 24, қисми якум ва сархати дуюми қисми дуюм ва сархати сеюми қисми дуюми моддаи 25 ва қисми якуми моддаи 26 характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, номувофиқатии меъёрҳои дар қонун ҷойдоштаро аз байн мебарад, ба монанди калимаҳои «мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ (минбаъд - мақомоти ваколатдор)» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг (минбаъд - мақоми ваколатдори давлатӣ)», калимаи «ҷумҳуриявиро» ба калимаҳои «умумидавлатӣ ва байналмилалиро», калимаҳои «Мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «Мақоми ваколатдори давлатӣ», калимаҳои «мақоми ваколатдор» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ», калимаи «фарҳангиеро» ба калимаи «фарҳангие» ва калимаҳои «мақомоти давлатии ҳифзи ёдгориҳо» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» иваз карда шудаанд.

Инчунин тибқи тағйироти пешниҳодгардида, муқаддима, моддаи 1, моддаи 3, сархатҳои якум ва дуюми моддаи 5, қисми 4 моддаи 6, ном ва қисми 1 моддаи 21 ва қисми 3 моддаи 24 дар таҳрири нав ифода гардида, ба қонуни амалкунанда моддаҳои $1^1$ ва $5^1$ илова карда шудаанд, ки дар он мафҳумҳо, аз қабили объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, ҳифзи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, экспертизаи таърихию фарҳангӣ, Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, минтақаҳои ҳифзи объектҳои ғайриманқули мероси таърихию фарҳангӣ, барқарорсозии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ва ҳудуди объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ пурра шарҳ дода шудаанд.

Қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва амалӣ шудани он аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати баёни ҷавонону занон дар ҷомеа қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он эрод надорад ва хоҳиш менамоем қонун ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» шурӯъ менамоем.

**Убайдулло ҚУРБОНОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 декабри соли 2012 қабул намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» 12 январи соли 2010 таҳти №595 қабул гардида, ба он солҳои 2011-2012 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, ки он аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода мешавад.

Мақсад аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» тағйир додани таркиби нафақаҳои суғуртавӣ, яъне хориҷ намудани қисми заминавӣ ва ҳамчун нишондиҳанда барои ҳисоби камтарини нафақаҳои суғуртавию давлатӣ ва иловапулиҳои пешбинишуда муқаррар намудани нафақаи заминавӣ, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати таъини нафақа барои хизмати шоён дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли илова ба нафақаҳои суғуртавӣ, аз байн бардоштани як намуди нафақаи давлатӣ, яъне нафақа барои хизмати дарозмуддат ба хизматчиёни давлатӣ ва тағйири андозаи нафақаҳои суғуртавӣ, бо назардошти собиқаи суғуртавии пурра ва нопурра, мебошад.

Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии танзими давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, шахсони воқеию ҳуқуқӣ, тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ, инчунин манбаъҳои маблағгузории онҳоро муайян мекунад.

Дар қонуни мазкур ба моддаҳои 1, 3, 7, 8, 10-14, 16–20, 22, 24-31, 33-39, 41, 45, 50, 55, 57 ва 59 тағйиру иловаҳо ворид шудааст.

Тағйироти воридгардидаи сархатҳои шашум, шонздаҳум ва ҳабдаҳуми моддаи 1, қисми 2 моддаи 3, қисмҳои 4, 7 ва 8 моддаи 7, сархатҳои дуюм ва чоруми моддаи 10, қисми 2 моддаи 11, қисми 1 ва 2 моддаи 13, ном ва матни моддаи 14, сархати дуюми қисми 2 ва қисми 9 моддаи 16, матни моддаи 17, ном ва қисми 1 моддаи 19, сархатҳои якум ва дуюми қисми 2 моддаи 20, сархати дуюми қисми 4 ва қисми 5 моддаи 22, қисми 1 моддаи 24, номи моддаҳои 25-26, сархати якуми моддаи 29, қисми 1 моддаи 30, зербанди б) қисми 1 моддаи 31, моддаи 45, сархати дуюми қисми 1 моддаи 50, ном ва матни моддаи 55, қисми 1 моддаи 57 ва қисмҳои 2 ва 4 моддаи 59 характери муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳрирӣ дошта, номувофиқатии меъёрҳои дар қонун ҷойдоштаро аз байн мебарад, ба монанди калимаҳои «саҳмияи» ва «Саҳмияҳои» ба калимаҳои «саҳмҳои» ва «Саҳмҳои», калимаҳои «саҳмияи суғуртавиро супоридааст» ба калимаҳои «саҳмҳои суғуртавиро пардохт намудааст», калимаҳои «инфиродии нафақавӣ» ба калимаҳои «захираи нафақавии инфиродӣ», калимаҳои «суғуртавии нопурра» ба калимаҳои «суғуртавӣ бо собиқаи суғуртавии нопурра», калимаҳои «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», калимаҳои «Ҳаққи суғурта» ба калимаҳои «Саҳмҳои суғуртавӣ», калимаи «ҳаққи» ба калимаи «саҳмҳои», калимаҳои «тарифи муқаррааргардидаи саҳмияи» ба калимаҳои «тарофаи муқаррааргардидаи саҳмҳои», калимаҳои «саҳмияи суғуртаро» ба калимаҳои «саҳмҳои суғуртавиро», калимаҳои «андозаҳои нафақа» ба калимаҳои «нафақаи суғуртавӣ», калимаи «пиронсолӣ» ба калимаҳои «синну сол», калимаҳои «18-солаи бесаробон» ба калимаҳои «18-солае, ки аз падар ё аз модар маҳрум шудаанд», калимаи «мақоми» ба калимаи «мақомоти» ва калимаи «индексатсия» ба калимаҳои «бозҳисобии нафақа» иваз карда шудаанд.

Тибқи тағйироти пешниҳодгардида, сархати дуюми моддаи 1, қисми 5 моддаи 7, матни моддаи 8, зербанди е) қисми 2 моддаи 13, қисми 2 моддаи 19, қисми 1 моддаи 26, қисми 2 моддаи 27, сархати сеюми моддаи 28, сархати чоруми қисми 1 моддаи 30, зербанди а) қисми 1 ва қисми 2 моддаи 31, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 33 ва моддаи 39 дар таҳрири нав ифода гардида, ҳамзамон ба қонуни амалкунанда ба моддаҳои 20, 22, 25, 26 сархат ва қисмҳо илова шудааст, ки дар он мафҳуми нафақаи заминавӣ ва андозаи иловапулӣ ба нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ шарҳ дода шуданд. Инчунин тибқи тағйироти пешниҳодгардидаи моддаҳои 22, 25 ва 26, минбаъд андозаи нафақаи суғуртавӣ аз рӯйи синну сол, аз рӯйи маъюбӣ ва аз рӯйи маҳрум шудан аз саробон, бо назардошти собиқаи суғуртавии пурра, наметавонад аз андозаи 100 фоиз ва бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурра, аз андозаи 70 фоизи нафақаи заминавии муқарраршуда кам бошад.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва амалӣ шудани он аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Хоҳиш менамоем, онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мебошад.

Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ муҳтарам Илолов Мамадшо дода мешавад.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар ҷаласаи худ дида баромад.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Убайдулло Қурбонов ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Убайдулло Давлатов бо мақсади бартараф намудани номувофиқатӣ ва мутобиқ намудан ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, талаботи техникаи қонунгузорӣ таҳия шудааст.

Мувофиқи тағйиру иловаҳои воридгардида, бо ҳарфҳои калон навиштани номи Қонун ва бобҳои он дар Қонун ишора шудааст, ки ин аз талаботи моддаҳои 33 ва 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бармеояд.

Ҳамчунон, бо назардошти талаботи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба сархати шашуми қисми 1 моддаи 28 пас аз калимаи «фармон» калимаи «фармоиш» илова шудааст, ки мувофиқи он, минбаъд хизматчии давлатӣ ухдадор аст фармон, фармоиш ва амрҳои роҳбарон, қарор ва дастури мақомоти болоӣ ва шахсони мансабдорро, ки дар доираи ваколати онҳо дода шудаанд, иҷро намояд. Қисми дигари тағйиру иловаҳо бо мақсади аз лиҳози мантиқию услубӣ возеҳу мушаххас гардонидани меъёрҳои қонуни мазкур ворид карда шудаанд.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумита ба қонуни мазкур эрод надорад ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» пешниҳод мешавад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.



**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» мавриди баррасӣ қарор дод.

Қонуни мазкур бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷабборов Домуллоҷон пешниҳод шудааст.

Бояд зикр намуд, ки бо қабул гардидани қонуни мазкур номутобиқатии дохилии меъёрҳои алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» бартараф шуда, ин амал боиси минбаъд аз байн рафтани мухолифат ҳангоми татбиқи ин меъёрҳо мегардад.

Қонуни мазкур ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мувофиқ гардонида шудааст.

Ба қонуни амалкунанда инчунин як қатор тағйирот ворид карда шудаанд, ки хусусияти таҳририю имлоӣ дошта, матни онро аз ҷиҳати мантиқию услубӣ возеҳу мукаммал гардонидаанд.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мухолифат надорад.

Кумита ба қонуни мазкур эрод надорад ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» дар ҷаласаи худ баррасӣ намуд.

Қонуни мазкур бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назира Ғаффорова ва Саодат Амиршоева пешниҳод шудааст.

Қонуни мазкур барои возеҳу мушаххас ифода кардани Конвенсияҳои Женева ва протоколҳои иловагӣ ба онҳо, ки масъалаҳои беҳбудӣ бахшидан ба сарнавишти маҷрӯҳон ва беморон дар артишҳои амалкунанда, беморони киштишикастагон аз ҳайати неруҳои мусаллаҳ дар баҳр, муносибат бо асирони ҳарбӣ, инчунин ҳимояи аҳолии мулкиро дар замони ҷанг, пешбинӣ менамоянд, қабул гардидааст.

Тавре маълум аст, дар як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон андоза ва муҳимияти ёрии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар зикр гардидааст.

Боиси зикр аст, ки дар моддаи 4-уми Конвенсияи Женева аз 12 августи соли 1949 «Дар бораи беҳбудӣ бахшидан ба сарнавишти маҷрӯҳон ва беморон дар артишҳои амалкунанда» чунин дарҷ гардидааст: «Давлатҳои бетараф муқаррароти Конвенсияи мазкурро қиёсан нисбат ба маҷрӯҳон ва беморон, ҳамчунин нисбат ба ҳайати кормандони санитарӣ ва рӯҳонӣ, ки ба неруҳои мусаллаҳи ҷонибҳои дигар мансубанд ва дар қаламрави онҳо пазируфта ё боздошт шудаанд, инчунин нисбат ба мурдаҳои аз майдони ҷанг берун баровардашуда, татбиқ мекунанд».

Ба андешаи мо, нишондоди мазкур ба ҳаёти воқеии мо низ тааллуқ дорад, зеро дар ҳаёти ҳамарӯзаи мо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ҳамчун ҷамъияти ихтиёрӣ аз рӯйи принсипҳои умумибашарӣ ба монанди башардӯстӣ, беғаразӣ, бетарафӣ ва ихтиёрӣ фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, мақсади асосии он мусоидат ба фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии давлатӣ доир ба амалӣ намудани вазифаҳояшон оид ба таъмини ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, расонидани кӯмак дар замони осоишта, давраи ҷанг, ҳангоми ҷой доштани задухӯрдҳои мусаллаҳона, ҳолатҳои фавқулодда ва техногенӣ, татбиқи чорабиниҳои ҳифзи саломатии аҳолӣ, инчунин кӯмаки табобатии пешгирӣ ва иҷтимоии шахсони ба чунин кӯмак ниёзманд ва дастрасии маводи зарурии барои нигоҳубини беморон, расонидани хизмати тиббию иҷтимоӣ ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, мушаххас намудани Конвенсияҳои дар боло зикргардидаи Женева аз 12 августи соли 1949 дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» боиси фарогирии меъёрҳои фаъолияти ин ҷамъият дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Ба қонуни амалкунанда як қатор тағйироти дигар ворид карда шудаанд, ки хусусияти таҳририю имлоӣ дошта, матни онро аз ҷиҳати мантиқию услубӣ возеҳу мукаммал гардонидаанд.

Қонуни мазкур бо мақсади такмили меъёрҳо, ҳамчунин мутобиқ гардонидани муқаррароти он ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст.

Кумита ба қонуни мазкур эрод надорад ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии шумо масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳотҳои Яхак- Юст ва Самсолиқи ноҳияи Нуробод» пешниҳод мешавад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи пешниҳодоти Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Нуробод «Оид ба тағйир додани номи деҳоти Яхак-Юст» ва «Оид ба тағйир додани номи деҳоти Самсолиқ» мавриди баррасӣ қарор дод.

Тибқи пешниҳодоти мазкур, таклиф ба миён гузошта шудааст, ки номи деҳоти Яхак-Юст ба номи Изатулло Ҳалимов ва номи деҳоти Самсолиқ ба деҳоти Сафедчашмаи ноҳияи Нуробод тағйир дода шаванд.

Зарурати тағйир додани номи деҳотҳо бевосита ба гиромидошти таърихи фарҳанги кишвар, мутобиқ намудани амали номгузорӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобастагӣ дошта, нишони арҷгузорӣ ва пос доштани хотираи неки шахсиятҳои барҷаста ва муътабари диёр, тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин деҳаҳо мебошад.

Изатулло Ҳалимов солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатӣ ва ҳизбӣ, аз ҷумла раиси Комиҷроияи ноҳияи Комсомолобод (ҳоло Нуробод), котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияҳои Ашти вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд), Куйбишеви вилояти Қӯрғонтеппа (ҳоло ноҳияи Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон), котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Хатлон кор кардааст. Хизматҳои арзанда ва саҳми назарраси ӯ дар рушди диёр бо чандин мукофотҳои давлатӣ қадр карда шудааст.

Мардуми деҳоти Самсолиқ Сафедчашма номгузорӣ шудани деҳоташонро рамзи покиву тозагӣ, осоиштагиву сулҳ ва меҳнати пурсамарро дар ободии диёри азиз медонанд.

Пешниҳодот доир ба тағйир додани номи деҳотҳои зикргардида дар маҷлисҳои умумии сокинони деҳаҳои онҳо, Маҷлисҳои ҷамоатҳо, Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Нуробод баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Нуробод ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои дар боло зикргардида, лозим мешуморад, ки пешниҳодоти мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи деҳотҳои Яхак-Юст ва Самсолиқи ноҳияи Нуробод» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Турсунзода» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Турсунзода «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳр» таҳти №623 аз 2 ноябри соли 2012 дар ҷаласаи худ баррасӣ кард. Тибқи пешниҳоди мазкур, таклиф ба миён гузошта шудааст, ки дар маҷмуъ дар шаҳри Турсунзода номҳои 2 деҳот ва 69 деҳа тағйир дода шаванд.

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Турсунзода ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст ва ба шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, дастрас шудааст.

Зарурати тағйир додани номи деҳотҳо ва деҳаҳо бевосита ба Истиқлолияти давлатӣ, гиромидошти таъриху фарҳанги кишвар, абадӣ гардонидани хотираи неки шахсиятҳои барӯманду хизматнишондодаи диёр, мувофиқ намудани амали номгузорӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобастагӣ дошта, нишони тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, арҷгузорӣ ба меҳнати софдилонаи шахсони барӯманди диёр, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин деҳот ва деҳаҳо мебошад.

Пешниҳод доир ба тағйир додани номи деҳотҳо ва деҳаҳои зикргардида дар маҷлисҳои умумии сокинони онҳо, Маҷлисҳои ҷамоатҳо, Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Турсунзода баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Пешниҳоди мазкур мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, бо дигар қонунҳои амалкунандаи ҳамин муносибатҳоро батанзимдароранда мухолифат надорад.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои дар боло зикргардида, лозим мешуморад, ки пешниҳоди мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Турсунзода» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳои Конибодом, Исфара, Панҷакент, Истаравшан, ноҳияҳои Ашт, Спитамен ва Шаҳристони вилояти Суғд» шурӯъ менамоем. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ,**

Кумитаи мо пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи пешниҳодоти Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳои Конибодом, Исфара, Панҷакент, Истаравшан, ноҳияҳои Ашт, Спитамен ва Шаҳристон дар ҷаласаи худ баррасӣ намуд.

Дар маҷмуъ пешниҳод шудааст, ки дар шаҳри Конибодом номи 1 шаҳрак ва 2 деҳа, дар шаҳри Исфара номи 4 деҳа, дар ноҳияи Ашт номи 1 деҳа, дар ноҳияи Спитамен номи 2 деҳот ва 4 деҳа, дар шаҳри Панҷакент номи 12 деҳа, дар шаҳри Истаравшан номи 1 деҳот, 1 шаҳрак, 5 деҳа, дар ноҳияи Шаҳристон номи 1 деҳот ва 2 деҳа тағйир дода шаванд.

(Идома дар саҳ. 5)

(Идома аз саҳ. 1, 2, 3, 4)

# Аксари қонунҳо ҷонибдорӣ гардиданд, номи баъзе маҳалҳои аҳолинишин тағйир ёфт

Маводи зарурӣ тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, ба шумо, мӯҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, дастрас шудааст.

Зарурати тағйир додани номи шаҳрак, деҳотҳо ва деҳаҳо бевосита ба шукргузорӣ аз Истиқлолияти давлатӣ, гиромидошти таъриху фарҳанги кишвар, мувофиқ намудани амали номгузорӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобастагӣ дошта, нишони арҷгузорӣ ва пос доштани шахсони муътабари диёр, тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, тарбияи насли имрӯзу фардо дар рӯҳияи ифтихори миллӣ, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин деҳаҳо вобаста мебошад.

Пешниҳодот доир ба тағйир додани номи шаҳрак, деҳот ва деҳаҳои шаҳру ноҳияҳои зикргардида дар маҷлисҳои умумии сокинони онҳо, Маҷлисҳои ҷамоатҳо, Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳои Истаравшан, Исфара, Конибодом, Панҷакент, ноҳияҳои Ашт, Спитамен, Шаҳристон ва Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои дар боло зикргардида, лозим мешуморад, ки пешниҳодоти мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, мухтарам аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳои Конибодом, Исфара, Панҷакент, Истаравшан, ноҳияҳои Ашт, Спитамен ва Шаҳристони вилояти Суғд» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Носири Хусрав, Шаҳритус, Шӯрообод, Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ёвони вилояти Хатлон» мебошад. Марҳамат, Мамадшо Илолович.

**Мамадшо ИЛОЛОВ: -Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи мо пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи пешниҳодоти Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Носири Хусрав, Шаҳритус, Шӯрообод, Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ёвон дар ҷаласаи худ баррасӣ кард.

Тибқи пешниҳодоти мазкур таклиф ба миён гузошта шудааст, ки дар маҷмуъ дар шаҳри Кӯлоб номи 7 деҳа, дар ноҳияи Носири Хусрав номи 1 деҳот ва 4 деҳа, дар ноҳияи Шаҳритус номи 4 деҳа, дар ноҳияи Шӯрообод номи 2 деҳа, дар ноҳияи Бохтар номи 2 деҳа, дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ номи 11 деҳа, дар ноҳияи Ёвон номи 2 деҳот тағйир дода шаванд. Рӯйхати пурраи маҳалҳои аҳолинини мазкур ба шумо, мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, дастрас шудааст.

Зарурати тағйир додани номи деҳотҳо ва деҳаҳо бевосита ба шукргузорӣ аз Истиқлолияти давлатӣ, гиромидошти таъриху фарҳанги кишвар, мувофиқ намудани амали номгузорӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вобастагӣ дошта, нишони арҷгузорӣ ва пос доштани шахсони муътабари диёр, аз қабили Қаҳрамонони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода ва Нусратулло Махсум, шахсиятҳои шуҳратманди водии Вахш Сироҷ Фаттоев, Куган Гулов, Ҳасан Ҳусейнов, тоза нигоҳ доштани забони давлатӣ, тарбияи насли имрӯзу фардо дар рӯҳияи ифтихори миллӣ, ба инобат гирифтани афкори умум ва хоҳиши сокинони ин деҳаҳо мебошад.

Пешниҳодоти мазкур мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, бо дигар қонунҳои амалкунандаи ҳамин муносибатҳоро батанзимдароранда мухолифат надорад.

Маводи зарурӣ, тибқи Феҳристи ҳуҷҷатҳои маълумотдиҳанда, аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Пешниҳодот доир ба тағйир додани номи деҳотҳо ва деҳаҳои шаҳру ноҳияҳои зикргардида дар маҷлисҳои умумии сокинони онҳо, Маҷлисҳои ҷамоатҳо, Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Носири Хусрав, Шаҳритус, Шӯрообод, Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон ва Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон баррасӣ гардида, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтааст.

Кумита, бо назардошти нишондодҳои дар боло зикргардида, лозим мешуморад, ки пешниҳодоти мазкур қобили дастгирист ва аз шумо, мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Носири Хусрав, Шаҳритус, Шӯрообод, Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Ёвони вилояти Хатлон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Эҳсонов Н.» шуруъ менамоем.

Сухан оид ба ин масъала ба Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Ҷумъа Маҳмадалиевич дода мешавад.



**Ҷумъа ДАВЛАТОВ Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қироат менамояд:**

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Эҳсонов Насимҷон бинобар вазъи саломатиаш ирсол менамоям.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Эҳсонов Насимҷон» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Ба баррасии шумо масъалаи охирини рӯзномаи иҷлосия – «Дар бораи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Зоиров Ш. Ю.» пешниҳод карда мешавад. Марҳамат, Ҷумъа Маҳмадалиевич.

**Ҷумъа ДАВЛАТОВ Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қироат менамояд:**

Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодро дар бораи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Зоиров Ш.Ю. ирсол менамоям.

Зоиров Шарофиддин Юнусович соли 1956 дар шаҳри Душанбе таваллуд ёфтааст. Маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ ва 30 сол собиқаи кории касбӣ дошта, дар вазифаҳои коромӯз, адвокат, мудири консултатсияи ҳуқуқии ноҳияи Колхозобод, машваратчӣ –сармутахассиси Кумитаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон, мушовири калони Кумитаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва муносибат бо парламент, мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, муовини раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идораи амволи давлатӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз моҳи майи соли 2010 то имрӯз дар вазифаи муовини роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Номзадии Зоиров Ш.Ю. ба талаботи моддаи 89 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» нисбат ба судяҳо мувофиқат мекунад.



*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Зоиров Шарофиддин Юнусович» ба овоз монда, Қарор қабул шуд.*

**РАИС:** - Иҷозат фармоед Шарофиддин Юнусовичро бинобар судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданашон, табрик намуда, барори кор орзу намоям.

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди интихоб шудан дар Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд мекунад.

Ҳоло барои савганд ёд кардан сухан ба судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоиров Шарофиддин Юнусович дода мешавад. Ш.Ю.Зоиров савганд ёд мекунад.

**РАИС:** - Котибот сухан карданӣ ҳастед?

**Раиси Котибот: - Муҳтарам Раис! Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба котиботи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҷорум сипосномаи Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳои Турсунзода, Панҷакент ва Истаравшан оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳои Турсунзода, Панҷакент ва Истаравшан ворид гардидааст.

Бо иҷозати шумо, мухтарам Раис, сипоснomaҳои мазкурро, ки мухтавояшон як мазмунанд, қироат намоям:

«Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳои Турсунзода, Панҷакент ва Истаравшан миннатдории худро ба Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои Маҷлиси миллӣ ҷиҳати баррасӣ ва ҷонибдорӣ намудани пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳои Турсунзода, Панҷакент ва Истаравшан оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳои мазкур дар Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён дошта, дар фаъолияти минбаъдаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барору комёбиҳо орзу намуда, фарорасии Соли нави мелодиро самимона шодбош мегӯянд».

**РАИС: - Мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Тавре аз расонаҳои ахбори омма огаҳӣ доред, ҳайати бонуфузи парламентии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 то 24 ноябри соли 2012 ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, кори комиссияҳои доимии он, инчунин чорабиниҳои Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди иқтисодии Аврупову Осиё, Ассамблеяи Парламентии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Конференсияи байналмилалии «Ҷаҳони Чингиз Айтматов: баҳамоӣ ва муколамаи фарҳангҳо» ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия сафари корӣ анҷом дод.

Аз ахбороти роҳбари ҳайат мухтарам Илолов Мамадшо Илолович бармеояд, ки ҳайати парламентии мо дар ҳама чорабиниҳои номбурда фаъолона ширкат варзиданд.

Дар фарҷоми чорабиниҳои номбурда бо пешниҳоди қаблии мо чанде аз аъзои фаъоли Маҷлиси миллӣ бо мукофотҳои Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сарфароз гардонида шудаанд.

Бо иҷозати шумо бо истифода аз фурсати муносиб мукофотҳоро ба онҳо месупорем.

Мукофотонида шуданд:

**Бо мукофоти Олии Иттиҳод - ордени «Содружество»**

Қодири Қосим - муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Бо Ифтихорномаи фахрии Ассамблеяи Байнипарламентии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил**

Қурбонов Убайдулло Абдуллоевич - раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати байни ҷавонону занон дар ҷомеа,

Қарабоев Тиркаш Эргашевич - узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ

**Бо медали ҷашнии нукрагини «МПА СНГ – 20 лет»**

Ҷалилов Анвар Расулович - узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният,

Раҷабова Зарина Солиҷоновна - узви Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷи кистон оид иқтисоду коммуникатсия.

Бо ин муносибат ҳамаи шуморо табрик намуда, саломатӣ ва барори кор хоҳонам.

**РАИС: -Мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баррасӣ шуданд. Доир ба тартиби бурдани иҷлосия, баррасӣ намудани масъалаҳо таклифу эродҳо ҳастанд? Ба раисони кумитаҳо, аъзои Маҷлиси миллӣ барои иштироки фаъолонаатон дар кори иҷлосия ташаккур мегӯем!

**Мухтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!** Дар соли 2012 ду Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон, 126 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла 23 қонун дар таҳрири нав, 103 қонун бо мақсади такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 25 масъалаҳои марзиву маъмурӣ аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ баррасӣ ва ҷонибдорӣ гардид, ки дар ҳалли онҳо нақши ҳар як узви Маҷлиси миллӣ муайян аст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар соли равон аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ Қ.Расулзода, Д.Гулмаҳмадов, У.Қурбонов, Н.Саидов, З.Раҷабова, М.Зувайдов, И.Абдуллоев, Ҳ.Абдуллоев, Х.Абдуназаров ёздаҳ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд, ки Маҷлиси намояндагон онҳоро қабул ва Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ намудааст.

Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки соли равон барои Маҷлиси миллӣ соли хотирмон ва созанда буд. Бо умеду тамманиёти нек ҳамаи шумо ва дар симои шумо аҳли оилаатонро бо фаросиси Соли нави мелодӣ табрику таҳният мегӯям.

Бо ҳамин Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорумро пӯшида эълон менамоям.

*(Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).*

***Ҷумъахон НАБОТОВ, Абдулмаҷид МУРОДОВ, Аъзам МӮСОЕВ, Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум». Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***



(Идома аз саҳ. 1)

# Қонун дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма дар таҳрири нав қабул шуд

Гуфтан мумкин аст, ки қонун комилан тағйир ёфтааст. Муқаррарот оид ба мафҳумҳои асосӣ, принсипҳои асосии ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ, воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва ҳудуди онҳо, воҳидҳои ҳудудӣ, салоҳияту ваколати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вобаста ба ҳалли масъалаҳои мазкур, феҳристҳои бақайдгирӣ ва баҳисобгирии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин, талабот ба номгузорӣ ва номивазкунии онҳо аз ҷумлаи чунин тағйирот мебошанд.

Инчунин дар лоиҳаи қонун масъалаи ба категорияи шаҳр, шаҳрак ва деҳа мансуб донистани маҳалли аҳолинишин пурратар ифода карда шуда, талаботи ягона барои ҳар як категория муқаррар гардидааст. Чунончӣ, яке аз нишондодҳои муҳим барои ҳалли ин масъала теъдоди аҳолии маҳалли аҳолинишин барои шаҳр 10 ҳазор, шаҳрак 2 ҳазор ва деҳа 50 нафар пешбинӣ шудааст. Дар қонуни амалкунанда бошад, барои шаҳр се нишондод, вобаста ба тобеияти он - 200 ҳазор, 30 ҳазор ва 10 ҳазор муайян шудааст. Масъалаи мансуб донистани маҳалли аҳолинишин ҳамчун деҳа зикр нагардидааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ карданд. Ҳамзамон 148 таклифу эрод пешниҳод намуданд, ки якҷоя бо намояндагони кумитаҳо, кумитаи дахлдори Маҷлиси миллӣ ва субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар натиҷа, аз таклифу эродҳои воридшуда 79-тоаш қабул, 19-тоаш қисман қабул шуда, 50-тоаш қобили қабул ҳисобида нашуд.

Баҳси асосӣ ба тартиби бақайдгирӣ ва баҳисобгирии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолиниш вобаста буд. Дар натиҷа, мувофиқа карда шуд, ки аз моддаи 9 оид ба салоҳияти Маҷлиси миллӣ сархати охирин дар бораи пешбурди Феҳристи бақайдгирӣ хориҷ карда шуда, ин вазифа ва ваколати мақоми давлатие, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, дохил карда шуд. Тартиби бақайдгирии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишинро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Тибқи хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо назардошти тағйироти воридшуда ба баррасии шумо, вакилони мухтарам, пешниҳод намуда, эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:**- Доир ба ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Давлаталӣ Давлатзода дода мешавад.

**Давлаталӣ ДАВЛАТЗОДА:- Мухтарам Раис, вакилони мухтарам!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ҳоло баррасӣ карда истодаем, басо муҳим ва зарурӣ мебошад. Аз он сабаб, ки ин қонун имконият медиҳад, дар оянда як мушкилоти хеле ҷиддии ҷомеаи имрӯзаи мо роҳи ҳалли худашро пайдо намояд.

Сухан дар бораи маҳалҳои аҳолинишини муваққатӣ ё бӯстонсаройҳо (дачаҳо) меравад. Дар давоми солҳои истиқлолият ин маҳалҳои аҳолинишини муваққатӣ ба маҳалҳои аҳолинишини истиқоматии доимӣ мубаддал гардиданд. Лекин статуси маҳалҳои мазкур ҳамчун пешина, яъне бӯстонсарой боқӣ монд.



Барои тағйир додани ин мақом ё статус баъзе қонунҳои мо, мутаассифона, мухолифат мекунанд. Чунин ҳолат на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар кишварҳои собиқ шӯравӣ ҳам вуҷуд дошт, вале дар он ҷойҳо, аз ҷумла дар Федератсияи Россия ва Қазоқистон кайҳо роҳи ҳалли онро пайдо карда, маҳалҳои аҳолинишини муваққатӣ ба маҳалҳои аҳолинишини доимӣ мубаддал гардонда шуда, аҳолии он ҳамчун шаҳрвандони комилҳуқуқ ба қайди омории идораҳои дахлдори давлатӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар Тоҷикистони мо бошад, имрӯз даҳҳо ҳазор нафар шаҳрвандоне ҳастанд, ки дар чунин маҳалҳои беном зиндагонӣ карда, дар қайди ягон идораи оморӣ нестанд ва ҳатто аз маъракаҳои сиёсӣ, яъне аз маъракаҳои интихобот ҳам онҳо берун мондаанд. Масалан, дар ноҳияҳои Варзоб, Рӯдакӣ, шаҳри Ваҳдат ва дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ шумораи зиёди чунин маҳалҳои аҳолинишин мавҷуд аст, ки онҳо як замоне бӯстонсарой буданду имрӯз ба деҳаю шаҳракҳои обод мубаддал гаштаанд.

Умед аст, ки бо қабули қонуни мазкур барои ҳалли ин мушкилот имконият ба вуҷуд меояд. Чунки аломатҳои маҳалли аҳолинишин, ки дар моддаи 1-уми лоиҳаи қонуни мазкур дар мафҳумҳои асосӣ оварда шудааст, имконият медиҳад, ки ин деҳаҳои тозабунёд мақоми худро дар ҷомеа пайдо кунанд.

Аз ин рӯ, мо лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо пурра ҷонибдорӣ мекунем.

*Лоиҳаи қонун боб ба боб ва модда ба модда ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Менглиев Рустам Шомуродович дода мешавад.

**Рустам МЕНГЛИЕВ:- Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуи ягона бо лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади аз байн бурдани номувофиқатии байни қонунҳо таҳия карда шудааст.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ менамояд, ки масъалаҳои таъсис, барҳам додан ва тағйир додани сарҳади воҳидҳои марзиву маъмурӣ, муқаррар намудан ва ба ҷойи дигар кӯчонидани маркази маъмурии онҳо, мансуб донистан ва тағйир додани мансубияти маҳалҳои аҳолинишин ба категорияи шаҳр, шаҳрак ва деҳа, номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин ба салоҳияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад. Воқеан ҳам масъалаҳои дар боло номбурдаро дар асоси пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи дахлдор Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал менамояд.

Банди 1-уми қисми якуми моддаи 19-уми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо салоҳияти «таъсис ва барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва тағйири онҳо»-ро пешбинӣ намудаасту халос. Аз ин рӯ, барои аз байн бурдани ин номувофиқатӣ лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкур пешниҳод карда шудааст.

Ҳамчунин бо ташаббуси вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаҳои 19 ва 24-уми лоиҳаи қонун мутаносибан яктогӣ банди нав илова карда шудааст, ки он тартиби интихоби намояндаи Маҷлиси миллиро дар Суди конститутсионӣ ва Шӯрои адлия ба танзим медарорад.

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, қабули он аз Буҷети давлатӣ маблағҳои иловагӣ талаб намекунад.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Рабиева Галия Рабиевна дода мешавад.

**Галия РАБИЕВА:- Мухтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси ду лоиҳа таҳия шудааст, ки яке аз онҳо бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллӣ А. Ҷалилов ва вакили Маҷлиси намояндагон Г. Рабиева ва дигаре аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

Лоиҳаҳои қонуни мазкур бо мақсади таъмини мутобиқати дохилии меъёрҳои қонуни конститутсионии номбурда, мукаммал намудани салоҳияти Маҷлиси миллӣ, инчунин вобаста ба пешниҳоди лоиҳаи қонуни конститутсионӣ дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ дар таҳрири нав, таҳия шуданд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар ду лоиҳаи қонунро дастгирӣ намуданд. Инчунин ба лоиҳаи якум аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба лоиҳаи дуюм аз тарафи Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ хулосаҳо пешниҳод гардидаанд. Дар маҷмуъ, ба лоиҳаҳои қонун 15 таклифу пешниҳод ирсол гардидааст, ки аз онҳо 12-тоаш қабул ва 1-тоаш қисман қабул, 2 таклиф вобаста ба тағйир додани таҳрири меъёрҳо қабул нашуд. Аз ҷумла сархати якуми қисми1 моддаи 1 дар таҳрири нав ифода карда шуд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкурро барои баррасии шумо, вакилони мухтарам, пешниҳод намуда, эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Менглиев Рустам Шомуродович дода мешавад.

**Рустам МЕНГЛИЕВ:- Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» низ бо мақсади аз байн бурдани номувофиқатии байни қонунҳо таҳия карда шудааст.

Сархати ҳаждаҳуми моддаи 8-уми қонун дар таҳрири нав барои он пешниҳод карда мешавад, ки салоҳияти Маҷлиси вакилони халқ дар қонуни амалкунанда дар ин сархат танҳо дар мавриди «тағйир додани сарҳади Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия» пешбинӣ шудаасту халос. Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар мавриди ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ бояд ба ғайр аз ҳолатҳои тағйир додани сарҳад, инчунин дар мавриди таъсис ва барҳам додани шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, муқаррар намудан ва тағйир додани маркази маъмурии онҳо, номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин низ қарори худро қабул намуда, ба мақомоти дахлдор ирсол намоянд.

Ба ҳамин модда илова намудани сархати нуздаҳум аз он бармеояд, ки дар ваколатҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия масъалаи таҳия ва ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод намудани нақшаи минтақавии тарҳрезии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия нақшаи умумии сохтмони маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия пешбинӣ шудааст, аммо баррасии ин пешниҳод аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи дахлдор дар моддаи 8 пешбинӣ нашудааст.

Зарурати ба моддаи 20 илова намудани сархати нави бисту панҷум аз он бармеояд, ки масъалаи баҳисобгирии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин ва аз рӯйхати баҳисобгирӣ хориҷ намудани онҳо ба салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дохил шавад ҳам, ин меъёр то ҳол дар қонуни конститутсионии номбурда пешбинӣ нашудааст.

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, қабули он аз Буҷети давлатӣ маблағҳои иловагӣ талаб намекунад.

Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни конститутсионии номбурдаро дастгирӣ намоед.

**РАИС:**-Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Ҷонов Назрулло дода мешавад.

**Назрулло ҶОНОВ:- Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни мазкур ба қонунгузорӣ вобаста ба масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ пешниҳод гардидааст.

(Идома дар саҳ. 6)

# Қонун дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма дар таҳрири нав қабул шуд

**(Идома аз саҳ. 1, 5)**

Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуданд. Танҳо аз тарафи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ду таклиф оид ба иваз намудани калимаи «марзиву» ба калимаи «марзию» пешниҳод гардид, ки бинобар истифодаи калимаи «марзиву» дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул нагардиданд.



3 декабри соли 2012 лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкур дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардид ва тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида ба он дастгирӣ ёфтанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, қабули он аз Буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул гардид. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Менглиев Рустам Шомуродович дода мешавад.

**Рустам МЕНГЛИЕВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» низ дар маҷмуъ ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ гардондан ва бо мақсади аз байн бурдани номувофиқатии байни қонунҳо таҳия карда шудааст.

Азбаски тартиби номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин аз тартиби номгузорӣ ва номивазкунии объектҳои ҷуғрофӣ ба куллӣ фарқ мекунад, барои мушаххастар намудани доираи амали ҳар ду қонуни дар боло номбурда дар моддаҳои 1, 4, 7 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» тағйиротҳое пешниҳод карда шудаанд, ки ин номувофиқатиро аз байн мебардоранд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, қабули он аз Буҷети давлатӣ маблағҳои иловагӣ талаб намекунад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории лоиҳаи қонуни номбурда овоз диҳед.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Назриев Мусоябшо дода мешавад.

**Мусоябшо НАЗРИЕВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 октябри соли 2012 таҳти №1482 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» бо мақсади мутобиқ намудани он ба талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Аз сархати якуми қисми 1 моддаи 1 калимаҳои «Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо, деҳаҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ва объектҳои амсоли онҳо;» хориҷ карда, ба қисми шашуми моддаи 8 тағйирот ворид карда шуд, ки тибқи он номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин дар доираи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ»-ро дар хулосаҳояшон пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии



Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул 7 ноябри соли 2012 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт ва пурра ҷонибдорӣ карда шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш карда мешавад, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Менглиев Рустам Шомуродович дода мешавад.

**Рустам МЕНГЛИЕВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ба муҳокимаи шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод карда мешавад, ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Зарурати ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз он бармеояд, ки дар байни моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 33 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар мавриди муқаррар намудани фонди захиравии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мухолифат ба мушоҳида мерасад. Дар моддаи 33- юми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» фонди захиравии раис ҳамчун фонди захиравии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия муқаррар шудааст. Дар моддаи 48-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ин фонди захиравӣ ҳамчун фонди захиравии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда шудааст.



Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад, ки моддаи 48 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав пешниҳод карда шуда, ин мухолифат аз байн бардошта шавад.

Лоиҳаи қонун ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, аз Буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони муҳтарам, хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории лоиҳаи қонуни номбурда овоз диҳед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Гулов Сафаралӣ дода мешавад.

**Сафаралӣ ГУЛОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони арҷманд!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2012 таҳти №1551 лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида буд.

Зарурати ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз он бармеояд, ки байни моддаи 48-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 33-юми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар мавриди муқаррар намудани фонди захиравии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мухолифат ба мушоҳида мерасад. Дар моддаи 33-юми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» фонди захиравӣ ҳамчун фонди захиравии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия муқаррар шудааст. Дар моддаи 48-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бошад, ин фонди захиравӣ ҳамчун фонди захиравии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда шудааст.

Лоиҳаи қонунро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон шаш таклифу эрод пешниҳод намуданд.

4 декабри соли 2012 дар ҷаласаи васеи кумитаи масъул бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар натиҷа, аз таклифу дархостҳои воридшуда 4-тоаш қабул ва 2-тоаш қабул нашуд. Таклифҳои қабулшуда дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз шумо, вакилони муҳтарам,эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Салимзода Олим дода мешавад.

**Олим САЛИМЗОДА: - Муҳтарам Раис, Раёсат, ҳамкорон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон О. Салимзода ва А.С. Фелалиев дар таҳияи нав 28 марти соли 2010 ба Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида буд.



Пас аз баррасии лоиҳаи қонун ва пешниҳоди хулосаҳо (аз он ҷумла хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба хотири муҳимияти лоиҳаи қонун ва оммавияти он таъсиси гурӯҳи корӣ салоҳ дониста шуд. 25 октябри соли 2010 бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №333 гурӯҳи корӣ таъсис дода, ба ҳайати он вакилон –намояндагони аҳзоби сиёсӣ, намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқдонҳои варзида ва намояндагони воситаҳои ахбори мустақили мамлакат шомил карда шуданд.

Дар ҷаласаҳои хурду бузурги гурӯҳи корӣ тайи беш аз ду сол 18 маротиба лоиҳаи қонуни мавриди назар муҳокима гардида, ба он тағйирот ворид карда шуд. Тағйирот, бо назардошти пешрафти ҷомеа, таҳаввулотҳои рухдода дар самти рушди илму техника ва қонеъ гардондани ҷомеаи рӯзноманигорон баҳри расонидани иттилои фаврӣ ва саривақтӣ, ки болоравии сатҳи огоҳии аҳолӣ аз кори онҳо вобаста аст, ба лоиҳаи қонун ворид карда шуд.

Дар таҳияи нави лоиҳаи қонун, шуруъ аз пешгуфтор, ҳама моддаҳо дар таҳрири нав дода шудаанд. Моддаи 1- «Мафҳумҳои асосӣ» нав буда, дар он бори аввал шарҳи истилоҳоти дар лоиҳаи қонун корбастшуда пешниҳод мегардад, ки ҳатман ба осоншавии кори рӯзноманигорон мусоидат хоҳад кард.

Моддаҳои 3- «Озодии воситаҳои ахбори омма», 5- «Дастгирии давлатии воситаҳои ахбори омма» батамом нав буда, ворид намудани онҳоро ба лоиҳаи қонун дар таҳияи нав гурӯҳи корӣ пазируфт.

Моддаи 7- «Ҳуқуқи таъсиси воситаҳои ахбори омма», ки миёни рӯзноманигорон нофаҳмиҳои зиёдеро ба миён оварда буд, дар таҳрири нав баён гаштааст. Моддаи 8- «Ҳуҷҷатҳои таъсисии воситаҳои ахбори омма» низ батамом нав буда, он ба тақвияти моддаи 7 эҷод шудааст.

Дар мавриди бақайдгирӣ ва баҳисобгирии воситаҳои ахбори омма низ миёни рӯзноманигорон давоми чанд соли охир баҳсҳо идома доштанд. Муаллифон дар машварат бо аъзои гурӯҳи корӣ ин ду мафҳумро дар таҳрири нав дар моддаҳои 10, 11 пешниҳод намуданд. Мутмаинем, ки меъёрҳои дар ин ду модда муайяншуда ҳама нофаҳмиҳоро аз байн мебарад. Минбаъд воситаҳои ахбори омма, сарфи назар аз шакли моликият, мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

Лозим ба зикр аст, ки моддаҳои 12, 13. 14 ва 15-уми лоиҳаи қонун бевосита ба фаъолияти рӯзмарраи воситаҳои ахбори омма дахл дошта, истифода аз моликияти зеҳнӣ, дарҷи маълумот ва муносибати молумулкиро дар идораҳои эҷодӣ мушаххасан баён месозанд. Паҳнкунии маҳсули эҷоди рӯзноманигорон дар моддаи 16- уми лоиҳаи қонун мушаххас гаштааст.

Мафҳумҳои ҷавоб ва раддия низ, ки дар таҷрибаи рӯзноманигорӣ зиёд вомехӯранд, алоҳида дар таҳияи нав дар моддаҳои 18, 19. 20 ва 21 мувофиқ ба талаби замон пешниҳод гардидаанд.

Дар қонуни амалкунанда барои дастрасӣ ба иттилоот муҳлати муайян зикр нашудааст, ки ин боиси нигаронии рӯзноманигорон шуда буд. Ба ин масъала дар лоиҳаи нави қонун дар моддаи 23 равшанӣ андохта шудааст. Барои дарёфти иттилоъ муҳлат то се рӯз муқаррар шудааст, ки ҷавобгӯ ба ниёзҳои аҳли қалами ҷумҳурӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ мебошад.

Тибқи меъёри дар ин модда муайяншуда, минбаъд мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо ба пурсишҳои рӯзноманигорон ва навиштаҳои таҳлилию танқидии онҳо давоми се рӯз ҷавоб мегӯянд, ки ин ҳолат дастрасиро ба манбаи иттилоъ осон гардонида, таъсирбахшӣ ва фаврияти хабарро таъмин месозад.

Ба моддаҳои 24, 25, 26 ва 27 низ тағйирот ворид карда шудааст. Ин моддаҳо аз нигоҳи забону тарзи баён таҳрир хӯрда, меъёрҳои ҳуқуқиро дар мавриди таъхир дар пешниҳоди иттилоъ, истифодаи дурусти навиштаҳои хонандагон, ҳифзи сарчашмаи ахбор ва ҳолатҳои фош насохтани ахбор соддаву оммафаҳм баён сохтаанд.

Ҳуқуқу вазифаҳо (моддаҳои 28 ва 29) ва ваколати (аккредитатсияи) рӯзноманигорон (моддаи 30) низ дар лоиҳаи қонун дар таҳрири нав пешниҳод гардидаанд. Ин моддаҳо ба фаъолияти касбии рӯзноманигорон мусоидат намуда, ҳамзамон заминаҳои ҳуқуқиро барои рушди воситаҳои ахбори омма дар Тоҷикистон фароҳам месозанд.

Дар лоиҳаи нави қонун ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии воситаҳои ахбори омма моддаҳои алоҳида (моддаҳои 31 ва 32) бахшида шуданд, ки аз лиҳози забон таҳриру такмил ёфтаанд.

Моддаҳои 33, 34 ва 35- уми лоиҳаи қонун дар боби хотимавӣ оварда шудаанд. Онҳо воситаҳои ахбори оммаро ба риояи қонуни мазкур водор намуда, барои маводиби пешниҳодкарда дар назди хонанда ва ҷомеа масъул будани рӯзноманигорро таъкид месозанд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 6 боб ва 36 модда иборат аст. Дар муқоиса бо қонуни амалкунанда шумораи моддаҳо 4- то кам шудааст, ки баёнгари аз нигоҳи нигориш таҳрири ҷиддӣ хӯрдани қонун мебошад. Дар таҳияи нав аз баъзе моддаҳои қонуни амалкунанда, ки куҳнаву корношоям гашта буданд, сарфи назар карда шуд.

Рӯзи 9 ноябри соли ҷорӣ Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот бо иштироки намояндагони ҳама кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи васеъ доир намуд. Дар он лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» мавриди муҳокима қарор гирифт. Намояндаҳои кумитаҳо нисбати лоиҳаи қонуни омодашуда ибрози назар намуданд.

Аз шумо хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мавриди назарро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Асрорӣ Мирзошоҳрух дода мешавад.

**Мирзошоҳрух АСРОРӢ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони Маҷлиси намояндагон, ҳозирини гиромӣ!**

Вазорати фарҳанг фаъолияти хешро тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи табъу нашр» ва дигар қонунгузориҳои кишвар ба роҳ монда, тарғибу ташвиқи сиёсати дохиливу хориҷии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инъикоси чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ ва дигар равандҳои ҳаётан муҳими ҷомеаро дар ҳамаи самтҳои иттилоотонӣ пайваста таъмин мекунад.

Меҳоҳам ба иттилои шумо расонам, ки айни замон дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 515 рӯзномаю маҷалла ва оҷонсиҳои иттилоотӣ, аз он ҷумла 330 рӯзнома (125 расмӣ ва 205 ҷамъиятию мустақил), 174 маҷалла (82 расмӣ, 92 ҷамъиятию мустақил), 11 оҷонсии иттилоотӣ (1 расмӣ, 10 ҷамъиятию мустақил), 66 нашриёт (10 расмӣ, 56 мустақил), 256 матбаа (38 расмӣ, 218 мустақил) ба ҳисоб гирифта шудаанд.



Дар давоми 20 соли охир шумораи нашрияҳо аз 504 адад гузашт ва дар муқоиса бо соли 1992 –юм 331 адад афзуд. Нисбат ба нашрияҳои расмӣ ё давлатӣ шумораи нашрияҳои ҷамъиятӣ ва мустақил 90 адад ва хабаргузориҳои мустақили иттилоотӣ 10 адад зиёд мебошад.

Бо сабабҳои гуногун дар миқёси ҷумҳурӣ фаъолияти 37 рӯзнома, 13 маҷалла, 5 нашриёт ва 28 матбаа қатъ гардидааст.

Дар робита бо лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» сараввал иҷозат фармоед, ба таҳиягарони лоиҳаи қонун барои заҳматҳои зиёдашон дар таҳияву такмили амиқи он аз номи аҳли матбуот ва фарҳанги кишвар изҳори сипос намоям.

Бояд зикр намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» ҳанӯз 14 марти соли 1992 қабул шуда, ба он худи ҳамон сол ва дар солҳои 1996, 1999, 2002-юм тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. Дар баробари рушду такомули матбуот, бахусус матбуоти мустақил, зарурати аз нав таҳия ва қабули қонуни нави матбуот ба миён омад. Бо дарки ин зарурат хуб шуд, ки бо ташаббуси қонунгузории вакилони халқи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи нави қонуни мазкур, бо дарназардошти афкори ҷомеаи журналистӣ, таҳия гардидааст.

Лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо ҷалби мутахассисон ва рӯзноманигорон мавриди омӯзиш ва баррасии ҳамаҷониба қарор гирифт.

Хулосаи Вазорати фарҳанг чунин аст, ки лоиҳаи қонун нисбат ба қонуни амалкунандаи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма мукаммалтар буда, мафҳумҳо дар бобу моддаҳо ва банду сархатҳои алоҳида бамавқеъ ва нисбатан возеху фаҳмо ҷой дода шудаанд. Чунончӣ, лоиҳаи қонуни нав бо шарҳи мухтасари муҳтавои қонун оғоз мeёбад, ки дар қонуни амалкунанда мавҷуд нест.

Дар муқоиса бо қонуни амалкунанда дар лоиҳаи нави он 5 модда ихтисор гардида, қариб дар ҳар модда ва банду сархатҳо як қатор тағйироти ҷузъӣ, баъзан тағйироти куллӣ бо ибораю мафҳумҳои нав ворид карда шудаанд.

Моддаи 1-и боби 1-и лоиҳаи қонун «Мафҳумҳои асосӣ» номгузорӣ шуда, маънои луғавии вожаву ибораҳои дар матни қонун истифодашавандаро дар сархатҳои алоҳида шарҳу эзоҳ додааст, ки чунин тарзи таҳияи лоиҳаи қонун ба мақсад мувофиқ буда, дар қонуни амалкунанда истисно шудааст.

Моддаи 2-юми лоиҳаи қонун асос ва манбаъҳои ҳуқуқии таҳияи лоиҳаи қонунро маънидод менамояд. Бояд гуфт, ки ин мафҳум дар қонуни амалкунанда дар моддаи 3-и боби 1-и он оварда шудааст, ки ба муҳтавои он, яъне «Забони воситаҳои ахбори омма» хеле кам мувофиқат мекунад. Ин номувофиқатӣ аз ҷониби таҳиягарони лоиҳаи қонуни нав дар моддаи 4-и он мавриди ислоҳ қарор гирифтааст, ки бевосита ба эзоҳи мафҳуми забони воситаҳои ахбори омма бахшида шудааст.

Дар моддаи 2-юми қонуни амалкунанда мафҳуми «Озодии матбуот» бо шарҳи нисбатан маҳдуд, бе банду сархатҳои алоҳида зикр ёфтааст. Дар лоиҳаи нави қонун бошад, ин мафҳум «Озодии воситаҳои ахбори омма» номгузорӣ шуда, дар 5 банд бо шарҳу тавзеҳи нисбатан васеъ дар моддаи 3-юми он оварда шудааст.

Ба ҳамин монанд, бо заҳмату талош ва донишу таҷрибаи таҳиягарон дар лоиҳаи қонун ибораю ҷумласозиҳои наву тоза, ба монанди «Дар бораи дастгирии давлатии воситаҳои ахбори омма», «Тартиби таъсисёбӣ ва ташкили фаъолияти воситаҳои ахбори омма», «Ҳуҷҷатҳои таъсисии воситаҳои ахбори омма», «Мақомоти идоракунии фаъолияти воситаҳои ахбори омма», «Баҳисобгирии давлатии воситаҳои ахбори омма», «Бе қайди баҳисобгирӣ паҳн кардани воситаҳои ахбори омма», «Муносибати молумулкӣ ва молиявии муассис, ношир ва редаксияи воситаҳои ахбори омма», «Воситаҳои ахбори омма ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ», «Маълумоти воситаҳои ахбори омма», «Ҳуқуқ ва навиштани ҷавоб», «Ҳуқуқ ба раддия», «Асосҳои рад кардани раддия», «Баррасии ариза аз тарафи суд оид ба нашри раддия», «Нашри ахбори расмӣ», «Радкунӣ ва таъхир дар пешниҳоди иттилоот», «Истифодаи эҷодиёт ва мактубҳои муаллифон» ва ғайра ворид карда шудаанд. Ҳамчунин дар моддаҳои алоҳидаи лоиҳаи қонун мутобиқ ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ якчанд тағйироти мафҳумсозӣ ба назар мерасанд. Чунончӣ, дар моддаи 6-и лоиҳаи қонун - «Роҳ надодан ба сӯиистифода аз озодии сухан», ки аз ҷиҳати маънӣ нусхаи матни лоиҳаи моддаи 6-и қонуни амалкунанда аст, мафҳуми манъ намудани дарҷи маълумот оид ба халалдор кардани шаъну эътибори давлат ва шаъну эътибори Президент истисно гардида, ин мафҳум бо ибораҳои нисбатан боэътимод - «аз ҷумла, мамнуъ будани интишорот оид ба халалдор кардани тамомияти марзӣ ва мустақилияти давлат» тақвият дода шудааст.

Афзалияти дигари лоиҳаи қонуни нав дар он аст, ки дар моддаи 5-и он, яъне «Дастгирии давлатии воситаҳои ахбори омма» аз тарафи давлат таъмин гардидани риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии воситаҳои ахбори омма дар самтҳои маблағгузориҳои мақсаднок, кӯмакҳои молиявӣ ба онҳо ва дигар намудҳои дастгирии давлатӣ таъкид гардидааст, ки ин мафҳум дар қонуни амалкунанда оварда нашудааст.

Бо зикри мисолҳои овардашуда метавон гуфт, ки таҳиягарон ҳангоми таҳияи ҳар як боб ва банду сархатҳои лоиҳаи қонун ҷиддан манфиатҳои воситаҳои ахбори омма ва журналистонро ба эътибор гирифта, ҳуқуқу уҳдадориҳои давлат воситаҳои ахбори омма ва журналистонро равшан тавзеҳ додаанд.

Дар асоси таҳлилу натиҷагириҳо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»-ро куллан ҷонибдорӣ менамояд ва ман аз номи аҳли матбуоту фарҳанг шумо, вакилони муҳтарам ва Ҳукумати ҷумҳуриро боварӣ мекунонам, ки бо қабул шудани лоиҳаи қонуни мазкур мунтазам аз пайи татбиқи амалии он хоҳем шуд.

**Низом ҚОСИМ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Маълум аст, ки дар ҳар давлати мутамаддин се шохаи озмудаи ҳокимият амал мекунад ва ин се шоха кафилу масъули мавҷудият ва рушду нумуи ҳар кишвару мардуми онанд. Вале дар ҳар давлати мутамаддин боз соҳаи муҳиму фарогире ҳаст, ки маҷозан «шохаи чоруми ҳокимият»-аш меноманд ва ҳамин унвон худ далели ҷоҳу мақом ва қудрату масъулияти воситаҳои ахбори омма дар назди ҷомеа мебошад.

Воситаҳои пурқуввату пурмасъулияти ахборӣ ҳамеша дар ҷомеа мақоми шоиста доранд. Онҳо тавассути дарёфту пешниҳоди ахбори заруру созанда ва таҳлилҳои амиқу заминадор, на танҳо иттилооту маърифати рӯзмарраи шаҳрвандонро таъмин мекунанд, балки аҳли ҷомеаро ба дарку ҳалли мушкилиҳои рӯзгор сафарбар менамоянд ва аз ин нигоҳ воқеан як шохаи ҳокимият ва ёвари масъулу муассири ҳар давлату ҳукумати демократианд. Имрӯз ин воситаҳо аз нигоҳи фаврият, дастрасӣ ва таъсир беҳад такмил ёфтаанд ва иҷрои вазифаи бисёр муҳими созандаашон дар ҳар давлат аз заминаи бақуввату мусоиди қонунгузорӣ вобаста аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки рукни асосии заминаи қонунгузории соҳа дар кишвар



буд, расо бисту ду сол амал кард. Дар ин миён кишвари мо давлати соҳибистиқлол шуд, шакли нави муносибатҳои иқтисодиро пазируфт, узви тамоми созмонҳои муҳими байналмилалӣ гардид ва бахусус дар даҳ-дувоздаҳ соли охир дар самти ташкилу таҳкими ниҳодҳои воқеан демократии ҳокимиятдорӣ қадамҳои устувору босубот гузошт. Мусаллам аст, ки ин фазо ба ягон самти фаъолияти ҷомеа бетаъсир намемонад, бахусус ба соҳаи ҳассосе чун воситаҳои ахбори омма. Аз ин рӯ, аз ҷумла такмили мунтазами қонунгузории ин соҳа як амри воқеист ва, албатта, рушду тавсеа, мақому мартаба ва нақшу таъсири онро қувват хоҳад бахшид.

Омӯзанда аст, ки муаллифон дар пешниҳоди лоиҳаи қонуни нави ВАО саросема нашуданд, дар муддати ду сол онро мавриди муҳокимаи аҳли соҳа ва алоқамандон қарор доданд, борҳо муҳокима доир намуданд, пешниҳодҳои солими намояндагони воситаҳои гуногуни иттилоотро ба эътибор гирифтанд ва ин ҳама дар маҷмуъ омилҳои такмили санад гардиданд.

Тибқи ин лоиҳаи қонун, бақайдгирии воситаи ахбор хеле содда шуда, дастгирии давлатии ВАО пешбинӣ шудааст, ки ҷавобгӯйи талаби замон аст. Танҳо аз ҷониби кумитаҳо, шуъбаи ҳуқуқи Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таҳриру такмили лоиҳаи қонун пешниҳод шудани 233 таклиф худ нишонаи бебаҳси муҳимияти ин санад ва ҳамаи таклифҳоро мавриди корбаст қарор додани муаллифон як далели воқеии фазои демократии муҳокимаву такмили он аст.

Ба ибораи дигар, ин санад низ чун қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» махсусияти миллии қонунгузории мо, яъне анъанаи хуби муҳокимаҳои тӯлониву умумихалқиро, ки яке аз зуҳуроти демократияи воқеист, идома бахшид боварӣ ҳаст, ки дар танзими табиии фаъолияти созандаи воситаҳои ахбори омма ва масъулияти бештари журналистон ҷиҳати беҳбуди сатҳу савияи навиштаҳову нашрияҳояшон нақши намоён хоҳад дошт.

Илова мекунем, ки муаллифон ва аҳли муҳокимаҳо ҷиҳати суфтагии забону баёни он заҳмати зиёд кашидаанд ва ин имкони фаҳмишҳои гуногуну шарҳҳои мухталифро аз байн мебарад. Моддаҳои батамом тозае, ки зикр гардиданд, заминаи ҳуқуқии онро тақвият бахшида, ҷиҳатҳои нави фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро возеҳу рӯшан танзим мекунанд.

Имрӯз дар кишвари мо ба таври фаровон рӯзномаву ҳафтанома, моҳномаву гоҳнома, радиову телевизион, агентиҳои иттилоотӣ ва воситаҳои зиёди электронии ахбор амал мекунанд ва ҷойи инсоф аст, ки бисёр бемамониат ва озодона амал мекунанд. Бояд гуфт, ки баъзан аз ин озодӣ ва фазои воқеии демократии фаъолияти воситаҳои ахбори омма сӯиистифода ҳам мешавад. Дар ин ҳолатҳо таҳаммули давлатро, ки идомаи ҳамон сиёсати созандаи сулҳу осоиши миллӣ ва тинҷиву оромии ҷомеа аст, бояд қобили таҳсин ва омӯзанда донист.

**(Идома дар саҳ. 7)**

# Қонун дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма дар таҳрири нав қабул шуд

(Идома аз саҳ. 1, 5, 6)

Вазифаи қонунгузорӣ дар ин маврид бо роҳи қабули санадҳои воқеан коргар, ки на танҳо шароити мусоиди фаъолият фароҳам меоранд, балки масъулияти воситаҳои ахбори омма ва ҳар як журналистро ҷиҳати пос доштани қонунгузорӣ, давлатдорӣ, расму оинҳои миллӣ ва осоиши ҷомеа мушаххас муайян мекунанд, поктару софтар намудани ин фазои воқеан демократист. Бо итминоне, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» дар ин кор нақши муҳиме дошта метавонад, аз ҳамкорони муҳтарам хоҳиш мекунем, ки ба ҷонибдории он овоз диҳанд.

**Суҳроб ШАРИПОВ:** - Яке аз меъёрҳо ин принсипҳои демократии озодии сухан ва матбуот мебошад. Он доим зери таваҷҷуҳи созмону сохторҳои бонуфузи байналмилалӣ қарор дорад. Аз ҷониби онҳо ба рушди озодии сухан ва матбуот дар ин ё он давлат баҳо дода мешавад.

Лоиҳаи қонуне, ки ҳоло баррасӣ мешавад, то андозае инъикосгари принсипҳои демократии озодии сухан ва матбуот мебошад.

Мутобиқи меъёрҳои Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ахбори омма аз зери назорати сензура озод мебошанд.



Яъне, ба сохторҳои давлатӣ ҳуқуқ дода нашудааст, ки ба ин ё он субъекти воситаҳои ахбори омма аз мавқеи мусоид истифода бурда, фишор биёранд.

Мо ба хубӣ эҳсос мекунем, ки вақтҳои охир рӯзноманигорон, воситаҳои ахбори омма манфиатҳои миллию давлатиро дар лаҳзаҳои ҳассос ҳимоя менамоянд. Тафаккури онҳо хеле дигаргун шудааст. Дар лоиҳаи қонуни мазкур ҳуқуқу манфиат, масъулияти рӯзноманигорон, умуман воситаҳои ахбори омма ҳамаҷониба истифодаи худро ёфтааст.



**Шодӣ ШАБДОЛОВ:** - Ҳангоми таҳия ва омода сохтани лоиҳаи қонун бисёр таклифу пешниҳоди рӯзноманигорон, аз ҷумла собиқадорони ин соҳа ба эътибор гирифта шудаанд.

Дар лоиҳаи қонун ҳуқуқу уҳдадориҳои рӯзноманигорон таври мушаххас ифода ёфтаанд.

Лоиҳаи қонун ҳамаҷониба такмил ёфтааст ва он қобили қабул мебошад.

*Лоиҳаи қонун боб ба боб ва модда ба модда ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» сухан ба вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ дода мешавад.

**ҲАМРОХОН ЗАРИФӢ: - Муҳтарам Раис, Муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Бо арзи эҳтиром ба маълумоти шумо мерасонем, ки Вазорати корҳои хориҷӣ баҳри иҷрои супориши Протоколии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июли соли 2012 таҳти №8 «Оид ба гузариш ба як шиноснома» тасмим гирифтааст, ки то охири соли 2013 дар 36 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ марказҳои маълумотҷамъкунӣ барои гирифтани шиносномаи биометрӣ насб намояд. Вобаста ба ин, Вазорати корҳои хориҷӣ соли ҷорӣ бо ширкати олмонии «Мюлбауэр» қарордод доир ба харидорӣ намудани 36 адад марказҳои маълумотҷамъкунӣ ва насби онҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба имзо расонид. Таҷҳизот аз ҷониби ширкати номбурда аз 14 то 19 декабри соли ҷорӣ вориди қаламрави кишвар мегардад, ки нархи умумии он дар асоси қарордод 3 357 259 сомониро ташкил медиҳад.



Вобаста ба ин, озод намудани воридоти таҷҳизоти мазкур аз боҷи гумрукӣ ва андози арзиши илова ба мақсад мувофиқ аст. Вазорати корҳои хориҷӣ масъалаи мазкурро бо вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҳамоҳанг намуда, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод кард ва он мавриди дастгирӣ қарор гирифт.

Лозим ба ёдоварист, маблағҳое, ки аз ҳисоби фурӯши шиносномаҳои хориҷии дорои маълумоти электронӣ ба даст меоянд, барои хариди варақаҳои холии (бланкаҳои) шиносномаҳои биометрӣ, таъминоти техникӣ, азнавкунӣ ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани таҷҳизоти персонализатсионӣ, инчунин зиёд кардани миқдори марказҳои маълумотҷамъкунӣ дар миқёси ҷумҳурӣ сарф мешаванд.

Дар робита ба ин, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» аз 16 ноябри соли 2012 таҳти №657 таҳия шуд.

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумо, муҳтарам вакилони халқ, эҳтиромона хоҳиш дорад, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ҷабборов Домуллоҷон Ҳоҷиевич дода мешавад.

**Домуллоҷон ҶАББОРОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 ноябри соли 2012 таҳти №657 барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 ноябри соли ҷорӣ лоиҳаи қонуни мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида буд.



Дар лоиҳаи қонун пешниҳод карда мешавад, ки таҷҳизоти маълумотҷамъкунӣ барои шиносномаҳои биометрии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарордод байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати Muhlbauer-Plast l, ки бо мақсади зиёд кардани марказҳои маълумотҷамъкунӣ дар ҷумҳурӣ ворид мегардад, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шаванд.

Лоиҳаи қонунро кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Хоҳиш менамоям, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Талбаков Исмоил Иброҳимович дода мешавад.

**Исмоил ТАЛБАКОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Раҷабов, И.Талбаков, С.Гулов, М.Нозимов ва Ҳ.Одинаев ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд.



Зарурати таҳияи лоиҳаи қонуни номбурдаро мо -муаллифон, пеш аз ҳама аз дигаргуниҳое, ки дар муносибатҳои пулию қарзӣ дар шароити гуногуншаклии моликият, рушди иқтисоди миллии кишвар, бо роҳи ҷалби манбаъҳои иловагии захираҳои қарзӣ ба гардиш ворид намудани пасандозҳои маблағҳои пулии аҳолӣ, ки аз дастуру нишондодҳои Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 бармеояд, асоснок намудем.

Вобаста ба ин интихобкунандагон дар вохӯриҳо оид ба истифодаи самараноки манбаъҳои иловагӣ барои пешниҳоди қарзҳо аз ҳисоби ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва захираҳои ассотсиатсияҳои байналмилалии иттифоқҳои қарзӣ ба иқтисоди миллӣ мунтазам таъкид менамуданд. Аслан муносибатҳои қарзӣ дар байни мардум таърихи тӯлонӣ дорад. Шаҳрвандон барои ҳалли мушкилоти худ ва ё ташкили фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ аз имкониятҳои молию пулии ҳамдигар ба шакли инфиродию дастаҷамъӣ истифода мебаранд. Вале асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва фаъолияти шахсони воқеию ҳуқуқӣ, ки дар муносибатҳои қарзии онҳо ба миён меояд, танзими худро пурра наёфтаанд. Аз ин ҷост, ки дар ҷараёни муносибатҳои қарзӣ байни шахсони воқеию ҳуқуқӣ амалҳои қонуншиканӣ, тасарруфи маблағҳои пулии аҳолӣ, баргардонидани қарзҳои гирифташуда бисёр мушоҳида карда мешавад.

Ҷанбаи дигаре, ки зарурати таҳияи лоиҳаи қонуни номбурдаро ба миён меорад, ин таҷрибаи ҷаҳони муосир дар рушди муносибатҳои қарзӣ мебошад. Ҳоло дар 100 давлати дунё зиёда аз 53,0 ҳазор иттифоқҳои қарзӣ фаъолият доранд ва дар сафҳои худ қариб 188 миллион аъзоро муттаҳид сохтаанд. Сандуқи қарзии онҳо бештар аз якуним триллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

Қабули қонуни мазкур имконият фароҳам меорад, ки дар кишвари мо низ иттифоқҳои қарзӣ ва минбаъд ассотсиатсияҳои қарзӣ таъсис ёбанд ва аз ин имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода бурда, ҷалби захираҳои иловагии арзони қарзиро ба иқтисоди миллӣ таъмин намоянд.

Бояд гуфт, ки Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 ноябри соли 2011 таҳти №927 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хулоса додан ирсол намуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро баррасӣ намуда, ба кумитаи масъул 122 таклифу дархост пешниҳод намуданд, ки аз онҳо 110- тоаш пурра ва қисман қабул шуд. Бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли ҷорӣ таҳти №275, тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли ҷорӣ таҳти №1320 оид ба такмил додани лоиҳаи қонун гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки ба он намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ҷалб карда шуданд. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ» аз 9 боб ва 33 модда иборат мебошад. Боби 1 ва моддаҳои 1- 6 мафҳумҳои асосӣ ва меъёрҳои танзимкунандаро оид ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттифоқҳои қарзӣ, мақсадҳои асосӣ, принсипҳо ва фаъолияти он ва иттиҳодияи онҳоро муқаррар менамояд.

Тартиби таъсиси иттифоқи қарзӣ, уҳдадориҳои муассисони он, оинномa, номгӯй ва сармояи иттифоқи қарзӣ дар боби 2 моддаҳои 7-11 муайян шудаанд.

Меъёрҳо оид ба қабул намудан ба аъзогии иттифоқи қарзӣ ва масъалаи қатъ намудани аъзогӣ ба иттифоқи қарзӣ дар боби 3, моддаҳои 12 - 13 муқаррар шудааст.

Дар лоиҳаи қонун мақоми идоракунӣ, маҷлиси умумӣ, раёсат, кумитаи қарзӣ, комиссияи тафтишотӣ ва аудити иттифоқи қарзӣ дар боби 4, моддаҳои 14, 15, 16, 17, 18 ва 19 ба танзим дароварда шудааст.

Боби 5 моддаҳои 20, 21, 22 ва 23 меъёрҳо оид ба аъзоҳаққӣ, тартиби пардохт ва бозпас гирифтани он, даромад ва истифодабарии саҳми аъзоҳаққиро барои пӯшонидани уҳдадориҳои муҳлаташон гузашта ба танзим медарорад.

Боби 6 ва моддаҳои 24, 25, 26 ва 27 меъёрҳоеро ба танзим медарорад, ки дар ҳолатҳои қарздиҳӣ ва қарзгирӣ хусусиятҳои онҳо, тартиби сармоягузории воситаҳои пулӣ ва таъсисдиҳии захираҳо ба миён меоянд.

Боби 7 моддаҳои 28, 29, 30 ва 31 масъалаҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, талаботи махсус ва боби 8 азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии иттифоқи қарзӣ, ҳалли баҳсҳо ва тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкурро танзим менамояд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ» падиди нав ва яке аз санадҳое муҳиме хоҳад шуд, ки асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявии иттифоқи қарзиро муқаррар намуда, муносибатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки дар фаъолияти иттифоқи қарзӣ ба миён меоянд, ба танзим дароварда, манфиатҳои иштирокчиёни иттифоқи қарзиро ҳифз намуда, самаранок истифодабарии манбаъҳои захираҳои иловагии қарзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Қабули қонуни мазкур аз Буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб накарда, шароити муфидро барои ташкил намудани ҳамкории судманд бо дигар ассотсиатсияҳои қарзии ҷаҳони муосир муҳайё сохта, ба иқтисодиёти миллии мо захираҳои қарзии арзонро ҷалб менамояд. Якчанд таклифу дархостҳое, ки аз ҷониби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Ш.Зуҳуров пешниҳод шуда буданд, дар мувофиқа бо муаллифон ва гурӯҳи корӣ ба лоиҳаи қонун ворид карда шуданд.

Аз шумо хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ширинов Абдуҷаббор дода мешавад.



**Абдуҷаббор ШИРИНОВ: -Муҳтарам Раис! Раёсат, вакилон ва ҳозирини арҷманд!**

Шумо хеле хуб огоҳ ҳастед, ки бо мурури пешравии иқтисодиёт ва шароити зиндагии ҷомеа зарурати такмил додани қонунгузорӣ пайдо мешавад. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ» аз ҷумлаи ҳуҷҷатҳоест, ки бо тақозои замон ба миён омадааст, дар як вақт ҳам характери молиявӣ ва ҳам характери иҷтимоӣ дошта дар қатори дигар қонунҳои танзимкунандаи низоми қарздиҳии Тоҷикистон мавқеи муайяни худро дорад.

Иттифоқҳои қарзии аввалин дар миёнаҳои асри XIX ба вуҷуд омадаанд ва то ин замон дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон амал менамоянд. Ҳанӯз соли 1971 Шӯрои умумиҷаҳонии иттифоқҳои қарзӣ (штаб-квартирааш дар Медисон, ШМА) таъсис ёфта буд.

Махсусан ин шакли фаъолияти қарзӣ да Штатҳои Муттаҳидаи Америка васеъ истифода мешавад ва дар хизматрасонӣ ба қарзгирандагони хурд ва камбизоат мавқеи калон дорад.

Иттифоқҳои қарзӣ дар мамлакатҳои шӯравии собиқ низ амал менамоянд. Аз он ҷумла Федератсияи Россия, Украина, Ӯзбекистон ва Қирғизистонро номбар кардан мумкин аст.

Дар шароити Тоҷикистон иттифоқҳои қарзӣ, ки фаъолияти онҳо бояд тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ» танзим шавад, ба низоми қарздиҳии хурд ворид шуда, барои ҷорӣ шудани шакли нави муносибатҳо дар соҳаи бозори қарзӣ хизмат хоҳанд кард ва барои таъмини истифодаи самараноки захираҳои молиявии аъзои онҳо шароити мусоид фароҳам хоҳанд овард.

**Муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон!** Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо дастгирӣ кунед.

**РАИС:** - Вобаста ба ин масъала узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Исматуллоев Дилшод Абдуғаффорович баромад кардан мехоҳад.



**Дилшод ИСМАТУЛЛОЕВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини арҷманд!**

Дар дунёи муосир фаъолият ва рушди иқтисодиёти ҳар як давлатро бидуни истифодабарии чунин воситаҳои молиявӣ, ба мисли қарз ва маблағгузорӣ тасаввур кардан имконнопазир аст.

Айни замон ҳар шахси ҳуқуқӣ ва ё инфиродӣ барои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва ё иҷтимоии хеш ба чунин воситаҳои молиявӣ рӯй меорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти қарзӣ асосан аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва солҳои охир тавассути ташкилотҳои ғайрибонкии молиявӣ амалӣ карда мешаванд.

Мутаассифона, маблағҳо ва нуқтаҳои фаъолияти онҳо барои қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ нокифоя буда, хизматрасонии онҳо тамоми қаламрави ҷумҳуриро пурра ва дуруст фаро нагирифтааст. Хусусан дастрасии мардум ба хизматрасонии молиявӣ дар ноҳияҳо ва минтақаҳои кӯҳистони кишвар хеле маҳдуданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии мардум солҳои охир корҳои зиёдеро ба анҷом расонида истодааст.

Чӣ тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 қайд карда буданд:

«Ҳадафи аслии мо расидан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ барои ҳар фарди ҷомеа мебошад.

Сиёсати иҷтимоии давлат чун солҳои пешин ба таъмин намудани адолати иҷтимоӣ, паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои баробари рушд равона карда шудааст.».

Барои расидан ба ин мақсад Ҳукумати мамлакат ба дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, ки яке аз омилҳои асосии таъминкунандаи амнияти озуқаворӣ, бахши ташаккулдиҳандаи иқтидори содиротии мамлакат ва муҳимтар аз ҳама, заминаи ташкили ҷойҳои нави корӣ ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Ба ҳама маълум аст, ки барои рушди босамари иқтисодиёти кишвар дастгирии соҳаҳои он бо маблағгузории дарозмуҳлат, дарёфти сарчашмаҳои гуногун ва васеъ намудани тарзу усулҳои сармоягузорӣ аҳамияти хос дорад.

Қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» заминаи ҳуқуқии кафолати пасандозҳо ва додугирифти қарзиро тавассути ташкилотҳои ғайрибонкӣ боз ҳам таҳким бахшиданд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - С.Раҷабов, И.Талбаков, С. Гулов, М.Нозимов ва Ҳ.Одинаев пешниҳод шудааст, дар асоси Стратегияи миллии рушд барои солҳои 2010-2015 таҳия шуда, мақсади асосии он ба татбиқи нуқтаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистони аз 20 апрели соли 2012 баҳри осон намудани дастрасии аҳолии ниёзманд ба воситаҳои пулию қарзӣ равона карда шудааст.

Дар тамоми дунё иттифоқҳои қарзӣ яке аз ташкилотҳои муҳими иқтисодиёти давлат ба шумор рафта, дар татбиқи сиёсати давлатӣ баҳри баланд бардоштани некуаҳволии халқ нақши сазоворро иҷро менамоянд.

Таъсис ва фаъолияти иттифоқҳои қарзӣ барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, баланд бардоштани маърифати молиявии мардум, мустаҳкам гардонидани интизоми молиявии он ва дастрасии мардум ба хизматрасонии молиявии муосир заминаи устувор хоҳад гузошт.

Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон гуфтанд: «Барои татбиқи ин ҳадаф танҳо нияти нек, иродаи сиёсӣ, талоши пайваста ва ҳамоҳангии фаъолият лозим аст.».

Боварӣ дорам, ки ҳамаи мо ин нияту иродаро доро буда, талоши пайваста ва ҳамоҳангии фаъолияти лозимаро дастрас намуда, ба ҳадафҳоямон мерасем.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони муҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ»-ро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун боб ба боб ва модда ба модда ба овоз монда, қонун яклухт қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Оид ба лоиҳаи Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи силоҳ» сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиаи ва амнияти Азимов Амиркул Насимович дода мешавад.

**Амиркул АЗИМОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Қонун санади меъёрии ҳуқуқиест, ки муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро ба танзим медарорад, яъне реҷаи муайянро дар соҳаҳои гуногун дақиқ мекунад.

Таърих гувоҳ аст, ки дар ҷамъият беназорат мондани силоҳ ин маънои ба дасти шахсони кӯтоҳандеш ва афроди ҷиноятпеша додани онро дорад, ки оқибат ба хунрезиҳо ва ошӯбҳои ба ҷамъият хатарнок мерасонад.



Аз ин лиҳоз, барои таъмини дурусти тартиботи ҷамъиятӣ ва эмин нигоҳ доштани ҷомеа аз ҳама гуна кирдорҳои номатлуб бо истифода аз силоҳ қонуни ҷавобгӯ ба меъёрҳои ҷаҳони муосир дар соҳаи гардиши силоҳ лозим аст.

Дар ҳамин асос лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.Ғаффорова ва А. Азимов пешниҳод шудааст.

Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ», ки 1 феврали соли 1996 қабул шуда буду баъдан ба он нуҳ маротиба тағйиру иловаҳо ворид намуда буданд, дорои камбудиҳои ҷиддии меъёрии ҳуқуқӣ буд ва аз ҷиҳати забонӣ ба талаботи имрӯзаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «Дар бораи забони давлатӣ» ҷавобгӯ набуд.

Ҳамчунин дар қонуни амалкунанда на ҳамаи мафҳумҳо шарҳи муфассали худро ёфтаанд.

Лоиҳаи пешниҳодшудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ гардонида шуда, аз 4 боб ва 36 модда иборат мебошад.

Дар боби 1 -ум мафҳумҳои асосии дар лоиҳаи қонуни мазкур истифодашуда ба таври возеҳ ва мукаммал тавзеҳ дода шудааст. Дар ин боб номгӯйи силоҳ, қисмҳои алоҳидаи он ва лавозимоти ҷангӣ таври алоҳида муайян гардидааст. Намудҳои силоҳ низ мушаххас ва аз рӯйи истифодабарӣ ва мавқеашон алоҳида зикр ёфтааст.

Дар боби 2 субъектҳое, ки барои харидан ва тартиби гирифтани силоҳ ҳуқуқ доранд:

Аз ҷумла ҳуқуқи ташкилоти ҳарбикунонидашудаи давлатӣ барои харидани силоҳ, тирпаронии санҷишӣ аз силоҳи оташфишони ғайринизомии милашрахдор, ҳуқуқи харидани силоҳ аз тарафи корхонаҳо, ташкилотҳо ё муассисаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, ҳуқуқи гирифтани силоҳ аз тарафи бонкҳо, хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳиб шудан ба силоҳ, ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои харидани силоҳи ғайринизомӣ, инчунин шахсоне, ки барои харидани силоҳ ҳуқуқ надоранд, мушаххас карда шудааст.

Махсусан дар боби 3-и лоиҳаи қонуни баррасишаванда тартиби гардиш, воридоту содироти силоҳ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи мамлакат ва масъулияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба гардиши силоҳ машғуланд, дақиқ нишон дода шудааст.

Тартиби харидан ва фурӯхтани силоҳ, назорат аз болои хариду фурӯши он, дуруст ҳуҷҷатгузорӣ кардан ва гузаронидани санҷиши хариду фурӯши силоҳ аз тарафи шахсони масъули Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқ муайян карда шудааст.

Ба ҳисоб гирифтан, гирифта гаштани силоҳ, нобуд сохтан, коллексия кардан ва ба намоиш гузоштани силоҳро моддаҳои алоҳидаи лоиҳаи қонун дар бар мегиранд.

Инчунин бекор ва мусодира кардани иҷозатнома барои хариду фурӯши силоҳ ва ё рухсатнома барои нигоҳ доштан ва ё гирифта гаштани силоҳро лоиҳаи қонун дар бар мегирад.

Дар боби 4-и лоиҳаи қонун «Муқаррароти хотимавӣ» тартиби гардиши силоҳ ва лавозимоти ҷангӣ, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши гардиши силоҳ ва лавозимоти ҷангии он ва ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонуни мазкур, тартиби аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» аз 1 феврали соли 1996 ва мавриди амал қарор додани қонуни нав пешбинӣ карда шудаанд.

Ба ҷуз масъалаҳои зикршуда, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» ба як қатор қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мутобиқ гардонида шуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт ва дар маҷмуъ ба кумитаи масъул 207 таклиф ворид гардида, ки аз онҳо 151 таклиф пурра, 37 таклиф қисман қабул гардида, 19 таклиф қобили қабул ҳисобида нашуд.

Аз шумо, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини аввали вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Орипов Нурулло Маърифхонович дода мешавад.

**Нурулло ОРИПОВ: - Муҳтарам Раис! Муҳтарам Раёсат, вакилони Маҷлиси намояндагон ва ҳозирини гиромӣ!**

Таҳлили ҳамаҷонибаи қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» нишон дод, ки баъзе масъалаҳои муҳим вобаста ба гардиши силоҳ дар ҷумҳурӣ ба танзим дароварда нашудаанд. Масалан, мафҳуми худи силоҳ, мушаххас муқаррар намудани намудҳои гуногуни он, ба даст овардан, нигоҳ доштан, гирифта гаштан, ба соҳибияти каси дигар бо роҳҳои фурӯхтан, ҳадя кардан, барои коллексиякунонӣ супоридани силоҳ ва қисмҳои асосии он ҳамаҷониба танзими худро наёфта буд. Инчунин дар қонуни ҷорӣ миқдори ниҳойии силоҳе, ки аз тарафи шаҳрвандон гирифта мешаванд, муқаррар карда нашуда буд.

Бо назардошти он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолкунандаи ягон намуди силоҳ нест ва тамоми намудҳои он аз хориҷи кишвар оварда мешаванд, давлатҳои истеҳсолкунандаи онҳо бошанд, мунтазам намуд ва тамғаҳои силоҳи гуногунро истеҳсол менамоянд, моро зарур меояд, ки муносибатҳои гардиши силоҳро дар ҷумҳурӣ аз нав таҷдиди назар намуда, қонуни силоҳро тағйир диҳем.

Лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон Н.Ғаффурова ва А.Азимов таҳия карда шудааст.

Дар ҷараёни таҳия намудани лоиҳаи нави қонуни мазкур қонунҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Беларус, Украина ва дигар давлатҳо, ки гардиши силоҳро ба танзим медароранд, мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шуда, таҷрибаи муосири ин давлатҳо омӯхта шудаанд.

Дар лоиҳаи қонуни нав тартиб додани Кадастри давлатии силоҳи хизматӣ, ғайринизомӣ ва лавозимоти ҷангии он пешбинӣ карда шудааст, ки тартиби пешбурд ва нашри онро бояд Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд. Ҳамчунин тамоми силоҳи хизматӣ, ғайринизомӣ ва лавозимоти ҷангӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта мешаванд, аз дигар давлатҳо ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд ё аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир карда мешаванд, бояд аз ҷониби ҳамин Агентии зикргардида сертификатсия карда шаванд. Пешбурд ва нашри Кадастр ва сертификатсияи чунин намуди силоҳ ва лавозмоти он дар ҷумҳурӣ то ҳол ба роҳ монда нашуда буд.



Танзими муосири муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба гардиши силоҳи ҷангӣ, хизматӣ, ғайринизомӣ ва лавозимоти онҳоро ба танзимдароваранда бевосита ба иҷрои он вазифаҳое, ки ба зиммаи мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини амнияти давлат, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шаҳрвандон, ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табиӣ, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии силоҳ вогузор карда шудаанд, аҳамияти муҳим доранд.

Дар вақти гузаронидани амалиётҳои муштараки мақомоти корҳои дохилӣ дар 11 моҳи соли 2012 ҷамъ ба миқдори 1373 адад яроқҳои оташфишони ғайриқонунии дар ихтиёри шаҳрвандон ва гурӯҳҳои ҷинояткор қарордошта дарёфт ва мусодира карда шуданд.

Дар сурати тасдиқ гардидани лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» ярокҳои қонунии дар ихтиёри ташкилотҳо ва шаҳрвандон қарордошта дуруст ва мақсаднок нигоҳ ва истифода карда мешавад ва ба дасти шахсони тасодуфӣ, дорои бемориҳои рӯҳиву нашъамандӣ, пеш судшуда, дар сафи ҷинояткорон ва созмонҳои экстремистӣ қарордошта афтодани силоҳ ғайриимкон мегардад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва асноди ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мухолифат надорад ва қобили дастгирист.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони Маҷлиси намояндагон, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.



**Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмадалӣ ВАТАНОВ:**

- Лоиҳаи қонуни нав нисбати қонуни амалкунанда хеле такмил ёфтааст. Дар лоиҳаи қонун тартиби гирифтаи силоҳ, феҳристи он мушаххас гардонда шудааст.

Инчунин дар лоиҳаи нави қонун муҳлати бақайдгирии ярокҳои бо роҳҳои қонунӣ ба ҷумҳурӣ воридшаванда муқаррар гардидааст, ки он дар қонуни амалкунанда вуҷуд надошт.

Ҳамаи ин тағйиру иловаҳо барои ба танзим овардани гардиши ярок ва истифодаи он нигаронида шудаанд. Лоиҳаи қонуни мазкур қобили дастгирӣ мебошад.

*Лоиҳаи қонун боб ба боб ва модда ба модда ба овоз монда, қонун яклухт қабул гардид. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 14 январи соли 2013 музоядаи №1-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

| № т/р | Номгуйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Бинои клуб-ошхонаи ҶСК «Хуҷандатлас» | ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17 | 134 000 |
| 2 | Бинои ошхонаи ҶСК «Соҳибкор» | ноҳияи Ҳисор, хоҷагии Калинин, кӯчаи Комсомол | 10 000 |
| 3 | Бинои ошхонаи ҶСК «С.Исоев» | ноҳияи Ҷ.Румӣ, шаҳраки С.Исоев, кӯчаи Советӣ | 25 000 |
| 4 | Бинои ошхонаи ҶСК «С.Исоев» | ноҳияи Ҷ.Румӣ, Ҷамоати деҳоти Навобод | 15 000 |
| 5 | Павилон-ошхонаи ҶСК «Сомғор» | ноҳияи Б.Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Холматов | 300 00 |
| 6 | Анбори ҶСК «МНА-52» | ш.Кӯлоб, маҳаллаи Файзободи боло 1 | 15 000 |
| 7 | Бинои нонвойхонаи ҶСК «Пролетарский ГОК» | ноҳияи Ҷ.Расулов, кӯчаи Советӣ | 25 000 |
| 8 | Бозорчаи ҶСК «Пролетарский ГОК» | ноҳияи Ҷ.Расулов, кӯчаи Советӣ 1 | 50 000 |
| 9 | Бинои ошхонаи ҶСК «Қосимҷон» | ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Айнӣ 1 | 4 000 |
| 10 | Бинои ошхонаи ҶСК «Кимиёрӯзгор» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ 205 | 30 000 |
| 11 | Бинои ошхонаи ҶСК «Мостоспецстрой» | ноҳияи Рашт, кӯчаи Сари Пул | 5 000 |
| 12 | Бинои ошхонаи ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 30 000 |
| 13 | Бинои ҳаммоми ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 40 000 |
| 14 | Бинои собиқ клуби ҶСК «Конибодом» | шаҳри Конибодом, кӯчаи БФК 47 | 40 000 |
| 15 | Бинои собиқ кинотеатри тобистонаи ҶСК «Конибодом» | шаҳри Конибодом, кӯчаи БФК 47 | 30 000 |
| 16 | Бинои ошхонаи ҶСК «Ҳаракат» | ноҳияи Б.Ғафуров, кӯчаи Ҳабилов 46 | 15 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91**, ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 14 января 2013 года проводит аукцион №1 по продаже недвижимости

| № п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Здание клуба-столовой ОАО «Хуҷандатлас» | г.Худжанд, 17-й микрорайон | 134 000 |
| 2 | Здание столовой ОАО «Соҳибкор» | Гиссарский район, хозяйство Калинина, ул.Комсомол | 10 000 |
| 3 | Здание столовой ОАО «С.Исоев» | район Дж.Руми. городок С.Исоев, ул.Советская | 25 000 |
| 4 | Здание столовой ОАО «С.Исоев» | район Дж.Руми. Сельский джамоат «Навобод» | 15 000 |
| 5 | Павилон-столовая ОАО «Сомғор» | Б. Гафуровский район, Сельский джамоат Холматов | 300 00 |
| 6 | Склад ОАО «МНА-52» | г.Куляб, махалла Файзободи боло 1 | 15 000 |
| 7 | Здание лепешечной ОАО «Пролетарский ГОК» | Дж.Расуловский район, ул. Совети | 25 000 |
| 8 | Рынок ОАО «Пролетарский ГОК» | Дж.Расуловский район ул.Совети 1 | 50 000 |
| 9 | Здание столовой ОАО «Қосимҷон» | Айнинский район, городок Айни 1 | 4 000 |
| 10 | Здание столовой ОАО «Кимиёрӯзгор» | г.Душанбе, ул. Рудаки 205 | 30 000 |
| 11 | Здание столовой ОАО «Мостоспецстрой» | Раштский район, село Сари Пул | 5 000 |
| 12 | Здание столовой ОАО «Кони намак» | Аштский район | 30 000 |
| 13 | Баня ОАО «Кони намак» | Аштский район | 40 000 |
| 14 | Здание бывшего клуба ОАО «Конибодом» | г.Канибадам, ул. БФК-47 | 40 000 |
| 15 | Здание бывшего летнего кинотеатра ОАО «Конибодом» | г.Канибадам, ул. БФК 47 | 30 000 |
| 16 | Здание столовой ОАО «Ҳаракат» | Б.Гафуровский район, ул.Хабилов 46 | 15 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр. Рудаки 44.**

Метод проведения: ***английский***.

Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, улица Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91**, а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 14 январи соли 2013 музоядаи №2-ро оид ба фурӯши воситаҳои асосии ҶДММ «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка» - «ТоҷАм», ки бо қарори Суди иқтисодии вилояти Суғд барҳам дода шудааст, баргузор менамояд

| т/р | Номгуйии иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Воситаҳои асосии ҶДММ «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка»-«ТоҷАм» | ш. Исфара | 1500 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44. Тел: 221-73-74, 221-16-14, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, 221-49-87, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI. TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 14 января 2013 года проводит аукцион №2 по продаже Основных средств ООО «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка»-«ТоҷАм» ликвидированного Экономическим судом Согдийской области

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Основные средства ООО «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка» - «ТоҷАм» | г. Исфара | 1 500 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, г. Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП по организации продаж госимущества. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5 процентов и государственную пошлину в размере 0,5 процентов от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр. Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14, 221-49-87, г. Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84, 4-52-91,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW. muzoyada-kvd tj**, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. **WWW.GKI. TJ**

## ЭЪЛОН

Иҷрочиёни Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе амволи ҳабсшуда:

1. Кинотеатри хонагӣ, тамғаи САМСУНГ НТ-ТХ35 бо шаш садобаландкунак, бо нархи 1400 сомонӣ;
2. Хаймаи сайёр, иборат аз ҳафт ҷойи нишаст, сурхи ҷигарӣ, бо нархи 1000 (ҳазор) сомонӣ;
3. Як адад компютер, иборат аз протсессор, монитор, тамғаи PHiLIPS, рангаш сиёҳ, бо нархи 4500 сомонӣ;
4. Асбоби варзишӣ (тренажёр), рангаш сиёҳ, истифодашуда, бо нархи 1400 сомонӣ;
5. Рахти хоб, иборат аз панҷ қисм: ҷевон, оина, ду тумба ва рахти хоб, рангаш ҷигарӣ, бо нархи 4500 сомонӣ;
6. Миз барои компютер, рангаш сиёҳ, истифодашуда, бо нархи 170 сомонӣ

санаи 24 ва 25 декабри соли 2012 соати $10^{00}$ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Дониш 15, ҳуҷраи 30 ба фурӯш мебароранд.

Хоҳишмандон метавонанд барои маълумоти иловагӣ бо тел: 227-80-39 муроҷиат намоянд.

## ДАРАК ДИҲЕД

Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Струков Дмитрий Николаевич, сокини кӯчаи Деҳотӣ, бинои 9/1, ҳуҷраи 237-и ноҳияи Фирдавсӣ, ки аз соли 1991 бедарак аст, пешниҳод менамояд ба Суди ноҳияи Фирдавсӣ ҳозир шавад.

Аз ҳамаи онҳое, ки ҷойи истиқомати Струков Дмитрий Николаевичро медонанд ё маълумоте доранд, хоҳишмандем ба Суди ноҳияи Фирдавсӣ хабар диҳанд.

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3482/1-1706 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Корти пластикии электронӣ<br>Картридж барои кортҳои пластикӣ | дона<br>дона | 12000<br>50 | 19.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3483/1-1707 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Антифриз | литр | 1000 | 19.12.2012 соати $9^{30}$ |
| 3486/1-1708 | КҶВД «Мубориза бар зидди малах»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 8 | 19.12.2012 соати $10^{00}$ |
| 3487/1-1709 | КҶВД «Мубориза бар зидди малах»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгуй | 6 | 19.12.2012 соати $10^{30}$ |
| 3484/2-913 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Гулҳо ва арматур | номгуй | 5 | 19.12.2012 соати $9^{00}$ |
| 3485/3-807 | Комплекси давлатии «Кохи Ваҳдат»-и ДИП Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири толорҳо ва намои берунии бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 19.12.2012 соати $9^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

### ТАСҲЕҲ

Дар даъватномаҳои иштироки озмун таҳти №3419/1-1664, 3420/1-1665, 3424/1-1669, 3425/1-1670, 3426/1-1671, 3427/1- 1672, 3428/1-1673, 3429/1-1674, 3434/2-907, 3436/3-794, 3437/3-795, 3438/3-796, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» санаи 8 декабри соли 2012 таҳти № 149 (2976) нашр шудаанд, сана ва вақти кушодани лифофаҳо ба ҷойи 29 декабри соли 2012, 19 декабри соли 2012 хонда шаванд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шартномаи бақайдгирии таҳти феҳристи №21218-и гумшуда, ки онро Ҷамоати деҳоти «Чоряккорон» ба Нуралиева Ҳанифа бо суроғаи деҳаи Ҳуснободи ноҳияи Рӯдакӣ, 12 декабри соли 2009 додааст, эътибор надорад.

***

Патенти № 057334 бо РМА 525073186-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Айнӣ соли 2010 ба Зарипов Ёрмурод Зарифович додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии №0621-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур соли 2008 ба Маматмуродов Саидакбар Махмудалиевич додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши таҳти феҳристи №80-768-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Ҷомӣ, бинои 16, ҳуҷраи 41-и ноҳияи Сино 22 феврали соли 2006 ба Ҷӯраев Давлат Рустамович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №86/10-и гумшуда, ки онро Донишкадаи иқтисодии (ҳоло молия ва иқтисоди) Тоҷикистон соли 2010 ба Иванова Елена Владимировна додааст, эътибор надорад.

***

Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0052524 бо РЯМ 0930020685-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 13 апрели соли 2010 ба Шукурова Наргис Шукуровна додааст, эътибор надорад.

***

Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0105562 бо РЯМ 0930034976-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 14 июли соли 2010 ба Шукурова Фарангис Шукуровна додааст, эътибор надорад.

***

Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии №0052415 бо РЯМ 0930019659-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 2 апрели соли 2010 ба Акрамов Азалшо Азимович додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли силсилаи Т-ШТУ №0034882-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №9-и шаҳри Норак соли 2006 ба Давлатов Аҳлиддин Асламович додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли силсилаи А №168178-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №9-и шаҳри Норак соли 1992 ба Худойназаров Джамшед Абдуназарович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ «Наврӯз АС» бо РМА 010020844, воқеъ дар кӯчаи А.Дониш 55, шаҳри Душанбе, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Наимов Ҳамроҳ Маҳмадиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0216566 бо РЯМ 4030047102 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ёвон 6 марти соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Бобомуроди Раҳмонқул, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0211053 бо РЯМ 4030043151 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ёвон 26 декабри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Катахонов Маҳмадтолиб, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0048535 бо РЯМ 4030017008 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ёвон 9 июни соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Ҷураев Масрур Муминович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0009037 бо РЯМ 0430001926 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 24 августи соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Бобоев Дилшод Сафарович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0016227 бо РЯМ 0430005556 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 1 октябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Ташкилоти ҷамъиятии «Табиати тоза», воқеъ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ бо рақами қайди ИҶ 1263 аз 19 феврали соли 2010 фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Хоҷаев Шавкат Темурович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0152 524 бо РЯМ 0130037316 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 23 январи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Соатов Муҳамаджон Файзалиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0087100 бо РЯМ 0930026085 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 17 майи соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

ҶДММ «Парвин трейдинг» бо РЯМ 0210010204, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, хонаи 21, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Обидов Саидмуҳаммад Саидхомидович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0200238 бо РЯМ 0130054513 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 7 декабри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи кормандони тандурустии Тоҷикистон аз вафоти бемаҳали профессори кафедраи ҷарроҳии №2 Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Арбоби хизматнишондодаи илм, барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, академики Академияи илмҳои тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқадори меҳнат

**УСМОНОВ НЕГМАТУЛЛО УСМОНОВИЧ**

андӯҳгин буда, ба аҳли наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 14 декабри соли 2012, соати 20.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23759 нусха

Навбатдорони шумора А. Муродов ва А. Мӯсоев

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова